Малеҳо низ дар тазкирааш аз «тафрақа»–душвориву машаққат ва гуруснагии чандинсолае сухан рондааст, ки дар, давоми бист соли охир то таълифи тазкираи ӯ (1688) ба сари мардуми Самарқанду Бухоро омадааст.[3]

Чунин ҳол пас аз ин ҳам давом кардааст.

Аҳволи ниҳоят вазнини сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодии Мовароуннаҳри замони Сайидо, ки тавсифи мухтасараш дар боло

[1]

[3] Тазкираи Малеҳо, с

омад, дар осори ин шоир ва ҳамасрони ӯ низ ба таври васеъ инъикоси худро ёфтааст.

Авзои пурмашаққати замон дар осори лирикии Сайидо ва чанде шоирони муосири ӯ оҳанги иҷтимоии **«кулфати даврон»**–ро ба вуҷуд овардааст. Ин оҳанг ки бо ибораҳои ҳамрадифу ҳаммаънои худ аз қабили **«талхии даврон», «ғами айём», «андӯҳи замона», «сахтии айём»** ва монанди инҳо ифода гардидааст, маънии мушаххаси иҷтимоӣ дошта, яке аз зуҳуроти оҳанги зиддизамонии ғазалиёти Сайидо ба шумор меравад.

Сайидо дар ғазалиёташ мунтазам аз дарди дил ва ғаму андӯҳи беохири худ сухан ба миён овардааст. Қаҳрамони лирикии ӯ низ инсони дардманди талхкому афсурда, шӯрбахту ноком ва ғамзадаву кулфатрасида мебошад. Ғаму дарди Сайидо ҳадду андоза надорад:

Агар ба кӯҳ ниҳам, пушт ба замин монад,
Ғаме ки бар ман аз ин рӯзгор меояд.

Чи навъе ки аз ин байт ошкор аст, ғаму дарди шоир аз азоби ишқ, ранҷи фироқ ё ҷафои маҳбуба нест. Умуман дарди ӯ дарди ишқу ошиқӣ ё дарди ирфонии тариқати дарвешӣ нест. Шоир албатта гоҳо аз рӯи пайравӣ ба тариқат, ки андӯҳгин будани дили дарвешро тақозо менамуд, худро дардманду ғамгин тасвир мекард. Аммо чунон ки хоҳем дид, дар бештари мавридҳо дарди дили Сайидо, чун дарди дигар шоирони норозӣ аз замони он давр, аз ранҷу кулфати рӯзгор ва носозии замон будааст. Оре, дарду аламе, ки дилу ҷон ва андешаи шоирро фаро гирифтааст, як ҳиссиёти сохтаву сунъии ошиқона ё дарвешонае набуда, балки дар асоси худ ҳиссиёти воқеиест, ки аз

таъсири ногувори воқеияти реалӣ ва носозии рӯзгор ба вуҷуд омадааст. Вай дарду алами рӯзгории инсони рӯзгории вобаста ба замони худ мебошад.

Дарду алами шоир сабабҳои зиёде дошт. Аввалин иллате, ки дили ҳассоси шоирро ба дард овардааст, ҳамон ҷаври рӯзгор ва ҷафои даврон аст. Аз баёноти доимии шоир маълум мегардад, ки дили ӯ аз кулфати айёму дарди даврон моломол аст. Ин дарди инсонӣ ё ба истилоҳи имрӯза нисбати шоири муаосир, дарди «гражданӣ» аст, ки барои ӯ аз ҳар навъи ғаму кулфат, аз ҷумла аз бебарорию нороҳатиҳои зиндагии шахсӣ пурсӯзу ҷонгудозтар аст. Сайидо бо роҳи қаноаткорӣ ғами зиндагии нокомонаи худро сабук карда тавониста буд. Лекин барои халосӣ аз «ғами даврон» илоҷе наёфтааст. Бори вазнин ва тоқатфарсои ин ғам қади ӯро хам кардааст:

Рӯзгоре шуд, ки пуштам аз ғами даврон дутост,
Дурбинӣ мекунам, аммо назар бар пушти пост.

Шоир гӯё мехоҳад аз ғуссаи даврон халосӣ ёбад, зеро фишори ин ғусса дили ӯро аз тоб бурда ва тоқаташро шикастааст. Ин аст, ки ӯ аз бори гарони тааллуқи худ бо даврон ва ғаму ранҷҳои беохири он ба фарёд омада, барои раҳоӣ аз ин гирдоби ҳалокатовар фарёди имдодталабона мекунад:

Кай халосӣ ёбад аз даврон дилам, эй Сайидо,
Донаи ман др гулӯи осиё афтодааст.

Аммо касе ё қуввае шоири гирифтори ғаму кулфати давронро аз ин варта наҷот дода наметавонист, ранҷу кулфати айёмро аз дили ӯ берун карда наметавонист:

Ҳеҷ кас аз дили ман кулфати айём набурд,

Рӯзгорест, ки оинаи ман дар намад аст.

Халосӣ аз «кулфати айём» дар дасти худи шоир ва вобаста ба виҷдони ӯ буд. Сайидо метавонист нисбат ба фасоду иллатҳо ва офату балоҳои рӯзгор бепарвоиро ихтиёр намуда, бо ин роҳ аз дили худ «дарди замона»–ро дур созад. Вале виҷдони инсонӣ, дили ҳассос ва эҳсоси баланди иҷтимоӣ ӯро намегузоштанд, ки нисбати бесару сомонӣ ва касофатҳои муҳити иҷтимоӣ бепарво бошад, кулфати айёмро ба дил нагирад, аз носозиҳои рӯзгор ғусса нахӯрад. Агарчи ӯ гоҳо ба роҳи шодию хурсандӣ фаромӯш кардани ғами айёмро ба худ талқин кардааст («Ғами айём агар дилтанг созад, шодмонӣ кун»), вале ин андешаи фирор аз ғамро ба амал набаровардааст. Умуман ба ҷахонбинии Сайидо чунин назари риндонаи лоқайдӣ нисбати дунё ва ҳодисаҳои кулфатбори он хос нест. Сайидо аз қабили он шоироне ҳам нест, ки аз фишори рӯҳӣ ва ғаму ғуссаи «дунёи дун» гурехта, ба айшу шодмонӣ даст задаанд ва дар майкада маскан гирифтаанд ё чунин тарзи зиндагиро орзу карда, бо ин роҳ ғами дунёро фаромӯш кардани шудаанд. Сайидо бинобар алоқамандии қавӣ ва пайванди худ бо рӯзгор, зиндагии воқеӣ, замон ва ҷомеаи давраш ба таъбири худи ӯ ҳадафи ҳуҷуми даҳшатҳои он қарор гирифта, танашро «ҳаводиси даврон» рахна кардааст. Вай дар зери «ҳаводиси даврон» азобу шиканҷа кашида ва поймоли «кулфати айём» гардида бошад ҳам, ба ҳамаи инҳо мардона тоқат кардааст:

Дар тани ман аз ҳаводисҳои даврон рахнаҳост,

Аз таҳаммул, Сайидо, кӯҳи Бадахшон гаштаам.

Оре, Сайидо шоири ҷафокаши рӯзгор, ғамзадаи айёми фалокатбор аст, бори вазнини иллату касофатҳои замонро ба дил эҳсос намудааст, аз онҳо бисёр чуқур мутаассир гардидааст. Бо вуҷуди ин шоири ғамзада аз ин фишори воқеияти ҳузновари замонаш роҳи гурез наҷустааст.

Ин ҳол робитаи мустаҳками Сайидоро чун шоири ҳаётдӯст бо воқеияти реалӣ, бо замон ва ҷомеаи давраш нишон медиҳад. Аз тарафи дигар маъниву моҳияти иҷтимоӣ доштани оҳанги кулфати даврону ғами замон дар лирикаи Сайидо аз мисолҳои дар боло оварда шуда равшан мегардад. Бинобар ин кулфати даврону ғами айёмро чун дарду ғами иҷтимоӣ фаҳмида ва таъбир карда метавонем. Пас Сайидо гирифтори дарди ичтимоӣ будааст, ки ба маънии бесару сомониҳои замон, ҳамагуна иллату касофатҳои рӯзгор, носозиҳои муҳити иҷтимоии давр ва ғайра аст. Ҳамин тавр дарди иҷтимоии Сайидо на танҳо нисбати иллатҳои замон ва муҳити иҷтимоии давраш бефарқ набудани Сайидо, балки аз дахолати фаъоли ӯ ба ҳаёти иҷтимоии давраш, аз қиёми ӯ бар зидди иллату касофат ва носозиҳои замонаш гувоҳӣ медиҳад. Оҳанги иҷтимоии дарди даврон дар ғазалҳои Сайидо дар айни ҳол низои байни шоир ва замонро, ки дар назми мумтози мо аз дер боз давом карда меомад, ошкор сохт. Мавқеи калон пайдо кардани ин оҳанг дар ғазалҳои Сайидо бошад аз тезу тунд шудан ва вусъат гирифтани он шаҳодат медиҳад. Маҳз ҳамин авҷу вусъат оҳанги дарди даврон яке аз таҳаввулоти муҳими мундариҷаи ғоявии ғазалиёти Сайидо гардидааст.

Бояд гуфт, ки ғами иҷтимоии шоир аз ғами шахсии ӯ тамоман ҷудо нест. Сайидо чун фарди ҷомеа ва инсони рӯзгорӣ таъсири ногувори инқирози замон ва «ҳаводис»–и офатбори айёмро дар шахси худ низ эҳсос кардааст. У бадбахтии шахсӣ ва сахтию душвориҳои зиндагии худро натиҷаи ҳамон таназзулу фасоди рӯзгор маънидод кардааст. Маҳз даврони ваҳшатангез ӯро талхком карда ва «соғар»–и айшашро сарнагун сохтааст:

Муддате шуд соғарамро карда даврон сарнагун,
Дар шикасти косаи чинии фағфурам ҳанӯз.
Сайидо, бо он ки даврон талхкомам кардааст,
Мехалад чун неш бар тан нӯши занбӯрам ҳанӯз.

Сайидо талхкомӣ ва сияҳрӯзии худро дар носозии айём мебинад, замонаи шумро сабабгори бадбахтӣ ва кулфати зиндагии худ ҳмсоб мекунад. Ин ранҷу кулфатро даврон барои шоир на дар як муддати муайяни зиндагиаш, балки баробари ба дунё омаданаш пеш овардааст. Шоир ба гуфти худаш баробари ба дунё омаданаш мавриди озору шиканҷаи айём қарор гирифтааст:

Берун шудам зи байзаву гаштам асири дом,
Айём дар шиканҷаи болу пари ман аст.

Боз:

Модари даврон маро рӯзе, ки дар гаҳвора баст,
Риштаи меҳнат ба дасту пои ман печиду рафт.

Аз ин байтҳо аён аст, ки Сайидо замонаи носозро душмани худ, монеи хушбахтию саодат помолкунандаи орзуву ҳавасҳои инсонии худ донистааст. Замона ба ҷои ин ки ӯро парвариш карда, ба мурод расонад, ба сараш ғаму кулфат боридааст. Бинобар ин шоир аз замонааш сахт норозӣ аст, зеро аз он озурдагиҳои зиёд дидааст:

Зи даврон он қадар, эй Сайидо, озурдагӣ дорам,
Намакро мешуморад марҳами кофур доғи ман.

Агар ба дараҷаи маълум таҷассуми типӣ будани образи шоирро дар шеъри лирикӣ ба эътибор гирем[1], мавзӯи муносибати замон ба «ман»–и лирикӣ дар ғазалиёти Сайидо низ бо моҳияти худ ба масъалаи инсон ва ҷомеа алоқаманд мегардад. Азобу машаққати аз замона кашидаи «ман»–и лирикии Сайидо, бешубҳа фақат ба шахси шоир дахл надошта, инъикоси типии кулфату ранҷи умуман мардуми асри ӯ аз фишори муҳити иҷтимоии рӯзгор мебошад. Бинобар ин аз хусумату душмании айём нисбати худаш шикоят кардани Сайидо аз доираи шикваю шикояти шахсӣ берун рафта, фарёду фиғони мардумро аз муҳити тоқатфарсои замон ифода менамояд.

Ғаму ғуссаи Сайидо намунае аз мусибату андӯҳи умум аст, ки кулфати айём ба сари халқу кишвар овардааст. Шоир тақдири шахси худро бо тақдири фоҷиавии тамоми мардум вобаста нишон медиҳад. Аз гуфтаҳои шоир чунин маълум мешавад, ки на танҳо ӯ, балки тамоми мардум гирифтори дарду доғанд, дар ҳеҷ синае дили хуррам намондааст:

---

[1] С.Саъдиев. Адабиёти тоҷик дар асри XVII. С.210.

Гулҳо чу ғунча сар бар гиребон кашидаанд,

Дар ҳеҷ синае дили хуррам намондааст.

Боз:

Ба гулзори ҷаҳон, эй Сайидо, умрест саргармам,

Ба ғайр аз ғунчаи хандон диле хуррам намебинам.

Равшан аст, ки ин дарду доғи умумӣ аз кулфату касофатҳои даврон аст. Сайидо мардуми асри худро асири офату балоҳои айём тасвир менамояд:

Бар ҳар тараф ки рӯй ниҳӣ, пой каҷ манеҳ,

Айём бар канори раҳат дом мондааст.

Дар ҳоле ки шоирони дигар маъмулан фалаку гардун ва умуман дунёро сайёду қотили инсон гуфтаанд, ба назари Сайидо сайёди одам худи айём, яъне воқеияти замон мебошад. Чунин маънидоди фоҷиаи инсон, ки мувофиқи фаҳмиши заминӣ ва воқеии сабабҳои бадбахтии инсон сурат гирифтааст, ранҷу кулфати одамро бештар бо воқеияти иҷтимоии ғамангези иҷтимоии давр вобаста менамояд, сабабҳои фоҷиаи ӯро аз авзои нооромӣ муҳит меҷӯяд. Равшан аст, ки чунин маънидоди реалистонаи фоҷиаи шахс аз роҳи эҳсоси дақиқи замон ба миён омадааст. Ба воситаи эҳсоси ногувори замон шикояти шоир аз даврон маънии мушаххаси иҷтимоӣ гирифтааст.

Чунин аст эҳсоси ногувори замон аз тарафи як нафар шоири норозӣ аз авзои ногувори рӯзгор ва айбу иллатҳои иҷтимоии замони худаш. Аммо Сайидо бо изҳори таассуроту эҳсосоти ногувори худ нисбати замонаш маҳдуд намонда, худи авзои замонашро низ ба тасвир овардааст. Ӯ аз рӯйи ҳақиқати таърихӣ замони худро як давраи

ноором, боло гирифтани фитнаву ошӯби хунрезиҳо, авҷи хусумату низои байни тӯдаи ҳукмрон тасвир намудааст. Аммо бояд таъкид кунем, ки тасвири авзои замон дар ғазал барин шеъри лирикии ҳаҷман хурд батафсил ва васеъ буда наметавонад, балки чун ишораҳо ва таассуроти парокандаи шоир аз воқеият намоён мегардад. Аммо ин таассуроти лирикӣ чунон аниқу равшан ва нишонрас воқеъ шудаанд, ки аз онҳо чигунагии авзои замон ва ҳолати муҳити таърихии даврро ба хубӣ тасаввур карда метавонем. Чунончи дар байти зерин бо як ишораи равшани «аз дунё бӯи хун меояд» манзараи хунини замони шоир, авҷи куштору хунрезиҳо ва дар натиҷа аз байн рафтани оромию осудагии мардум хеле барҷаста муҷассам гардидааст:

Маҷӯ, эй Сайидо, осудагӣ аз гулшани айём,
Ки доим бӯи хун меояд аз дунёву асбобаш.

Сайидо даҳшати айёми худро ба тарзи хоси лирикӣ хеле таъсирбахш ба қалам овардааст. Ин даҳшати куштору хунрезиҳост, ки авҷи онро шоир ҳамеша чун яке аз нишонаҳои асосии ҳарҷу марҷи замони худ қайд кардааст. Ба ибораи шоиронаи Сайидо дар айёми ӯ куштору катлу хунрезиҳо ба дараҷае расидааст, ки одамон ба ҷои об хуни якдигарро мехӯранд. Бо ин муболиғаи шоирона Сайидо ҳодисаи хеле маъмулу оддӣ гардидани қатлу хунрезиҳоро дар замони худаш таъкид кардааст.

Ба ҷои об мардум баски хуни якдигард хӯрданд,
Ҳубобосо шуданд аз мағз холи косаи сарҳо.

Аз лирикаи Сайидо «бӯйи хун»–и куштагони замон меояд, фарёду фиғони мардуми бегуноҳу ҷафодида шунида мешавад.

Чунончи дар байти зерин агарчи ҳодисаҳои «қатли бегуноҳон» аз рӯи анъана ба «фалаки ҷаллод» нисбат дода шудааст, вале дар асл ишора ба қатлу кушторҳои мардуми бегуноҳ аст, ки ба дасти ошӯбгарон ва бунёдкунандагони ҳарҷу марҷҳои иҷтимоӣ воқеъ мешуданд:

Баҳри қатли бегуноҳон саъйҳо дорад фалак,
Теғи кин аз дасти ин ҷаллод мебояд гирифт.

Ҳодисаҳои қатли мардуми бегуноҳ, чунон ки медонем, бисёртар дар ҷараёни низову кашокашиҳои ҳукуматхоҳию қудратталабӣ рӯй медоданд. Ҳазорон одамони бегуноҳ қурбони кашокашиҳои салтанатхоҳӣ ва талошҳои тоҷу тахтталабӣ мегардиданд. Сайидо чунин талошҳои сиёсии тоҷу тахтталабии тӯдаи ҳукмрони замони худро дар як байташ ошкоро ва бисёр барҷаста тасвир намудааст:

Дар талоши салтанат афтодаанд аз пой халқ,
Тоҷ агар ин аст, олам сарнагун хоҳад шудан.

Ин байт умуман ҳарҷу марҷ ва ошӯбу ғалаёнҳои сиёсии Мовароуннаҳрро дар нимаи дуюми асри XVIIравшан ва ошкоро акс намудааст. Маълум мешавад, ки манзури шоир аз ҳамаи он ошӯбу фитнаҳо, қатлу хунрезию кашмакашиҳо ва ғайра ҳодисаҳои хунини вахшатангези кишвар ҳамин тӯдаи ҳукмрон будааст. Шоир талабгорони тоҷу тахтро аз сулолаи ҳукмрони аштархонӣ ба харобкорӣ ва сарнагун кардани олам айбдор намуда, аз аҳволи фоҷиавии халқу кишвар сахт дар ташвиш будани худро изҳор намудааст. Бинобар ин байти мазкур эътирози рӯйирост бар зидди ҳукуматдорони замон мебошад.

Сайидо умуман нисбати ҳукуматдорони давраш назари тамоман манфӣ дошта, ба онҳо чун ашхоси ҷоҳилу бехирад баҳо додааст. Вай рӯзгори худро давроне ҳисоб мекунад, ки мардуми фурӯмоя ва ҷоҳилу бемағз сар бароварда, инони ҳукуматдориро ба даст гирифтаанд:

Азбаски дар ҷаҳон сари бемағз шуд баланд,
Дар бӯстони даҳр ба ғайр аз каду намонд.

Ин ҷо «сари бемағз» ва «каду» ишора ба кист ва мурод аз «бустони даҳр» чист, худ аз худ аён аст. Шоир ба мардуми нокас ва ҷохили ба сари кор омадае ишора намудааст, ки дар «бӯстон»–и мулк чун худашон дунону бехирадон (каду)–ро парвариш дода, онҳоро ба ҷои одамони оқилу ҳушманд ба кор гузоштаанд. Шоир тарзи ифодаи рамзии ин корбарии дунпарварона ва ҷаҳолатписандонаи давлатдорони замонро давом дода, боз мегӯяд:

Аз ҳавоси боғбонон баски рафтаст имтиёз,
Баъд аз ин дар бӯстон ҷуғз ояду булбул шавад.

Сайидо ҳукмдорон ва аҳли ҷоҳу мансаби аҳди худро зоғу заған, ҷуғз, хар, каду, сари бемағз ва монанди инҳо хондааст. Ин тавсифу ташбеҳот агар аз як тараф нафрату бадбинии шоирро нисбати аҳли давлат ифода намояд, аз тарафи дигар рамзи харобию инқирози кишвар, фасоду таназзули муҳити рӯзгор ба сабаби ба сари кор омадани одамони нолоиқ мебошанд.

Дар ғазалиёти Сайидо умуман тамоми воқеияти замон рӯ ба инқирозу таназзул тасвир ёфтааст. Ин фасодию инқироз аз рӯи

тасвири шоир як ҳодисаи куллиест, ки ҳам ҷомеаву зиндагии инсон, ҳам табиату ашёро фаро гирифтааст. Ин хусусияти лирикаи Сайидо нисбати воқеият дар рисолаи С.Саъдиев муфассалан тадқиқ шудааст.[1] Бинобар навиштаи С.Саъдиев, ба назар ва эҳсоси Сайидо дар табиат ва ҷомеаи рӯзгори ӯ ҳама чиз саросар шикасту инқироз ёфтааст, ба фасоду нобудӣ рӯ овардааст, аз мусбат ба манфӣ тағйири ҳол намудаасмт, чунончи гул пажмурда шудааст, мурғ беболу пар гаштааст, булбул аз гул ҷудо шудааст, айём аз равнақ мондааст ва ҳоказо.[2] Ҳамин тавр шоир ашё ва ҳодисаҳои воқеиятро ҳамеша дар табдилу тағйири манфӣ, яъне аз хубӣ ба банди тасвир намудааст. Ба ақидаи С.Саъдиев чунин тарзи нигориши воқеиятро эҳсоси манфии замон ба миён овардааст. Барои аёнияти ин нуқта яке аз ғазалҳои шоирро аз назар мегузаронем:

Омад баҳору нашъунамои замона ку?
Бар шохи гул ривоҷу ба булбул тарона ку?
Хум бедимоғ, шиша тиҳӣ, сарнагун қадаҳ,
Бо сокинони майкада асбоби хона ку?
Аз фоқа булбулон ба гулистон гудохтанд,
Эй боғбон, ба мурғи чаман обу дона,
Сарв аз ҳуҷуми зоғу заған гашт поймол,
Эй қумрии ғариб, туро ошёна ку?
Бар лавҳи хоки подшаҳон ин навиштаанд:
«Эй он ки буд дар сари ту шомиёна, ку?»
Аз оҳи беасар чу нафас синаҳо пур аст,

[1] С.Саъдиев.Адабиёти тоҷик дар асри XVII. С. 204–207
[2]Ҳамон ҷо. с.204

Таркаш лаболаб аст зи тиру нишона ку?
Файзе, ки буд бар дари арбоби ҷуд, рафт,
Сарҳо, ки фарш буд дар ин остона, ку?
Бар хуни якдигар ҳама халқ ташнаанд,
Раҳме, ки буд бар дили аҳли замона ку?
Дилгармие самандару парвонаро намонд,
Бар шамъ саркашиву бар оташ забона ку?
Боди сабо зи турраи сунбул кашидааст,
Кокул ба ҷову бар кафи машшота шона ку?
Эй Сайидо, ба рӯи ҷавонон ҳаё намонд,
Бар чашми булҳавас нигоҳи ошиқона ку?

Дар ин ғазал мавриди тасвир айёми баҳор аст. Ба муносибати фаро расидани фасли фараҳбахши баҳор шоир мебоист аз нашъунамои табиат ва шодию хуррамиҳои зиндагӣ сухан гӯяд. Вале ӯ бар хилофи ин қалам рондааст, мувофиқи тасвири ӯ, баҳор омада бошад ҳам, шохи гул ривоҷ надорад ва булбул тарона намехонад, шиша аз май холию қадаҳҳо сарнагунанд, яъне одамон аз базму шодӣ маҳсуманд, мурғони хушхони чаман беобу дона монда, аз гуруснагӣ ранҷ мекашанд. Сарв аз ҳуҷуми зоғу заған паймол гашта, бинобар ин қумрӣ аз ошёнаи худ ҷудо шудааст ва монанди инҳо. Ин тасвири беравнақии табиат дар сатрҳои минбаъдаи шеър ба тасвири беравнақи ва таназзули зиндагии инсон мегузарад. Синаҳои мардуми ҷафокаш пур аз оҳ гаштааст, аз дару даргоҳи «арбоби ҷуд» файз рафтааст, мардуми замона ҳама ба ҳам душман ва ташнаи хуни якдигар шуда, дар дили онҳо раҳму шафқат намондааст ва ғайра.

Ҳамин тавр, дар нигориши шоир беравнақии табиат бо таназзули зиндагии инсон таносуби куллӣ пайдо кардааст. Равшан аст, ки мақсад аз гуфтугӯ аз беравнақии табиат таъкиди таназзули зиндагии инсон ва носоз шудани муҳити иҷтимоии замон аст. Ин гуна ба мароми шоир тобеъ гардидани тасвири ҳадафноки табиат ва ҳодисаҳои он яке аз имтиёзоти муҳими эҷодиёти Сайидо ба шумор меравад.

Сайидо нигориши табиати фасли тирамоҳро, ки худ аз худ рамзи сукуту пажмурдагӣ мебошад, ҳамчунон ба ҳадафи зимнии худаш, яъне нишон додани сукуту инқирози зиндагии инсони рӯзгори худ алоқаманд гардондааст. Ӯ дар бисёр ғазалҳояш аввал аз хазони табиат дар айёми тирамоҳ гуфтугӯ карда, пас ба таназзулу «хазон»–и зиндагии инсон мегузарад.

Сайидо умуман ба ашёву ҳодисаҳои табиат чун рамзи зиндагии пурмусибати инсон, тимсоли фоҷиаву бадбахтиҳои даврони худ назар кардааст. Ба чашми ӯ дар табиат ҳама чиз ғаму андӯҳи мардумро намоиш медиҳанд, кулфату касофатҳои айёмро инъикос менамоянд. Шоир ба осмон чашм дӯхта, онро аз Каҳкашон ба мисоли синаи чоки маҷрӯҳони ситамдида тасаввур менамояд, ба замин нигариста, онро аз ҷӯшу андӯҳи мотамзадагон чун гӯристон (сари хок) ба назар меорад:

Фалак аз Каҳкашон чун синаи чок аст пиндорӣ,
Замин аз ҷӯши ғамноки сари хок аст, пиндорӣ.

Ин тарзи бисёр аҷиби эҳсоси бадеии воқеият аст, ки дар он ҳама чиз ба чашми шоир нақши инсони ғамноку мусибатзада, ҳаёти бадбахтонаи мардуми асрро доранд. Фаҳмидан душвор нест, ки сабаби ба чашми шоир ба ин сурат намоён гардидани табиат ва воқеият аз

диди иҷтимоии шоиронаи ӯст. Диди шоиронаи Сайидо дар ҳақиқат диди махсуси иҷтимоист, ки бинобар он санъаткори сухан ба ҳодисаву ашёи воқеият чун оинаи аҳволи зиндагии мардуми рӯзгори худ нигаристааст.

Дар чанде ғазалҳои Сайидо манзараи ногувори ҳаёти давр нисбатан васеъ акси худро ёфтааст. Аз ҷумла дар ғазали поин агарчи авзои хунини кишвар ва ҳаёти вазнини халқ бавосита, зимни тасвири табиат ба қалам омадаанд, аммо хонанда гумон мекунад, ки мавриди тасвири ин шеър на манзараҳои табиат, балки авзои пурдаҳшати зиндагии халқу кишвар мебошад. Авзои хунини кишвар, куштору хунрезиҳои доимӣ ва рӯзгори пурмусибати мардум дар зеҳну эҳсоси шоирии Сайидо то он дараҷа таъсир гузоштаанд, ки масалан ниҳоли гул ва сарви боғ дар назараш чун найзаи хунолуди тири халида намудор шудаанд, Шоир ба осмон нигоҳ карда хунхории аҳли ҷаҳонро пеши назар меорад ва аз ҳамин рӯ «сари сипеҳр»–ро ба анори макида қиёс мекунад. Монанди ҳамин дунё ба чашми ӯ деҳаи тороҷ дидаро мемонад. Шоир ҳатто дар ҷӯи беоб ва замини хушкида ҳам нақши фасоду инқирози замонро дидааст. Ба қавми ӯ, азбаски замона «оби таровати»–ро аз ҷӯи гулшан бурдааст, бинобар ин замини боғ аз хушкӣ ба ҷайби даридаи бесарупоён монанд шудааст ва ғайра:

Фалак ба қомати пири хамида мемонад,
Ҷаҳон ба деҳаи тороҷдида мемонад.
Ниҳоли гул ба назар найзаест хунолуд,
Ба боғ сарв ба тири хазида мемонад.
Зи баски аҳли ҷаҳон хуни якдигар хӯрданд,
Сари сипеҳр ба нори макида мемонад.

Замона оби тароват зи ҷӯи гулшан бурд,
Замини боғ ба ҷайби дарида мемонад.
Даруни ҷомаи рангини хеш дунёдор,
Ба кирмҳои бирешимтанида мемонад.

Чунин тарзи бадеии эҳсоси табиат, ки дар он авзои иҷтимоӣ ва аҳволи зиндагии мардуми аср чун образҳои бадеӣ дар madди назар меистад, далели забту истилои рӯҳи замон дар тафаккури шоир аст. Дар ғазалҳои Сайидо гузашта аз инъикоси бевоситаи худ ба воситаи образҳои махсуси бадеӣ низ таҷассум ёфтани манзараи мудҳиши рӯзгор намоишгари ҳассосии дили шоирони ӯ нисбати аҳволи халқу кишвар мебошад.

Аз ин ҷо низ мавқеи асосӣ доштани мавзӯи танқиди замон ё оҳанги зиддизамонӣ дар лирикаи Сайидо маълум мегардад.

Баъд аз гузориши авзои замон танқиди арбоби замон ё ба истилоҳи шоир аҳли ҷоҳ низ аз мавзӯъҳои асосии ғазалиёти Сайидо ба шумор меравад. Ин мавзӯъ, ки алоқаманд бо мавзӯи авзои замон гузориш ёфтааст, тақрибан дар ҳамаи ғазалҳои шоир мушоҳида мешавад.

Имтиёзи мавзӯи танқиду мазаммату арбоби ҷоҳ дар ғазалиёти Сайидо фақат дар гузориши доимии он нест. Ин мавзӯъ бо вусъату густариши худ дар бисёр ғазалҳои шоир ҳам характернок аст. Дар ғазали бисёрмавзӯи Сайидо агар ба мавзӯъҳои дигар маъмулан як ё ду байт ҷудо карда шуда бошад, мавзӯи танқиди арбоби ҷоҳу давлат дар бисёр мавридҳо чандин байтро фаро мегирад. Сайидо ҳатто бисёр ғазалҳое дорад, ки саросар ё асосан ба ҳамин мавзӯъ бахшида шудаанд.

Ин ҳол низ чун мавзӯи авзои замон муҳимтарин таҳаввулоти мундариҷаи жанри ғазалро дар эҷодиёти Сайидо ташкил кардааст.

Изҳори норизоӣ ва эътироз нисбат ба аҳли ҷоҳ аз он масъалаҳои иҷтимоиест, ки дили Сайидоро бештар ба дард оварда, бинобар ин дар маркази эҷодиёти ӯ қарор гирифтааст. Ғами Сайидо на танҳо аз иллатҳои иҷтимоии ҷомеа, балки аз сифлагию ноқисии арбоби давлат аст. Ҳиссиёти шоир аз ин ғам лабрез аст, бинобар ин табиист, ки вай дар бисёр ғазалҳояш ба ифодаи ин ҳиссиёт бештар дода шудааст.

Бояд қайд кард, ки агарчи дар эҷодиёти шоирони пешқадами гузашта ва ҳамзамони Сайидо низ мавзӯи мазкур каму беш ҷой дошт, вале он ин мунтазами ва бо ин вусъату тезу тундӣ набуд мазамматӣ бемурувватии арбоби ҷоҳ ба воситаи танқиди ҳунарношиносии ин тоифа дар ғазалҳои Сайидо давом ва такмилу инкишоф меёбад. Аммо азбаски шоир иллати ҳунарношиносӣ ва надонистани қадри ҳунар ва ҳунарварро на ҳамеша ба арбоби замон, балки умуман ба рӯзгори худ мансуб кардааст, ин мавзӯъ ба замон ва иллатҳои он низ алоқаманд мегардад. Шоир зери мафҳуми ҳунарношиносии замон, албатта ҳамин иллати арбоби рӯзгорро дар назар дорад. Бинобар ин миёнаи ин ду мафҳум аслан фарқе нест.

Бо гузориши ин мавзӯъ дар ғазалиёти Сайидо мавзӯи умумии шикоят аз замон аз масъалаи шахс ва ҷомеа ба масъалаи шоир ва ҷомеа ё шоир ва замон мегузарад.

Аз баррасии мавзӯи шикоят аз ҳунарношиносии замон барои мо зимнан сабаби озурдагии шахси шоир аз давраи норизоии ӯ аз муҳити иҷтимоии асраш низ равшан мешавад.

Яке аз сабабҳои озурдагии Сайидо аз замон беэътиборию қадрношиносии он нисбат ба шоир ва ҳунари ӯ будааст. Аз гуфтаҳои Сайидо бармеояд, ки вай мавриди таваҷҷӯҳу эътибори замон ва бузургони он қарор нагирифта, дар зери гарди фаромӯшӣ мондааст, ҳунараш хор ва касод шудааст. Шоир аз ин ҳол сахт малул гардида, замонаи худро ба бебасарӣ ва нашинохтани ҳунару ҳунарманд айбдор менамояд:

Бар тӯтиёи ман назаре кас намекунад,
Дар рӯзгор дидаи бино надодаанд.

Ва ё:

Нест тардасте, ки созад ғавр дар баҳри сухан,
Монд дар пушти садаф ношуста рӯи гавҳарам.

Манзури Сайидо аз нобиноию бебасарии рӯзгор чист, набудани суханшинос ва ғаввоси «баҳри сухан» ишора ба кист, – ин нукта худ аз худ маълум аст. Шоир табақаи ҳукмрони асрашро ба нобиноиву кӯрдилӣ ва суханношиносӣ маҳкум намудааст. Шикояти ӯ аз набудани «тардаст»–и ғаввоси «баҳри сухан» низ ба ҳамин табақа нигаронида шудааст, на ба аҳли фазлу адаб ва ноқидони сухан. Сайидо аз аҳли фазлу адаб ва ё мардуми оддие, ки хонанда ва мухлиси асосии шеъри ӯ буданд, гила накардааст. Вай шоири маҳбуби халқ буд, бинобар ин шеъраш ва худаш аз тарафи халқ ба хуби истиқбол ва қадрдонӣ мешуд. Сайидо аз ҳукуматдорон ва бузургони рӯзгор гила дорад, ки ба «тӯтиё»–и шахсу ҳунари ӯ назаре накардаанд, суханашро арзише надодаанд. Аз суханношиносӣ ва беэътибории табақаи ҳукмрон ба

аҳли шеър гилаву шикоят кардани шоир табиист. Зеро бо айби ҳамин табақа, ба иллати суханро қадр ва харидорӣ накардани онҳо шоир дар мӯҳтоҷию ниёзмандӣ умр ба сар бурдааст. Бинобар ин ҷои баҳс нест, ки умуман шикояти Сайидо аз замон, хоҳ аз таназзулу фасоди куллии он бошад ва хоҳ аз ҳунарношиносии он, ҳамеша ҳадафи муайян дошта, ба гунаҳкорони аслии ҳамаи фасоду иллатҳо, яъне ба бузургону зимомдорони замон нигаронида шудааст. Масалан, вақте ки шоир дар байти поин дар бораи «аз ташнагӣ хун хӯрдан»–и хомаи худ, яъне бе мададу дастгирӣ мондани он ҳарф зада, ба ин аҳволи ҳунараш бемурувватии «замини Бухоро»–ро айбдор мекунад, пайдост, ки мақсади аслии ӯ шикоят аз бемурувватию дунҳимматии табақаи ҳукмрон мебошад, ки нисбат ба соҳибҳунар ғамхорӣ ва қадршиносие зоҳир нанамудаанд:

Дар Бухоро хомаам аз ташнагӣ хун мехӯрад,
Ин замини бемурувват Карбало бошад маро.

Ба ин тариқ, ҳатто Сайидо барин сухансарои маъруф ва маҳбуби давр низ аз беқадрии ҳунари худ нолидааст. Аз ин ҷо касодии бозори сухан ва мушкилоти зиндагии аҳли онро дар замони Сайидо тасаввур кардан мумкин аст. Бесабаб нест, ки дар ашъори боқимондаи муосирони Сайидо оҳанги шикоят аз шеъру шоирӣ ва суханношиносии айём боз бештар ва ҳузнангезтар садо медиҳад. Шоирони ин давр пайваста аз касодию беравнақии сухан ва хорию зиллати худ арзи шикоят намудаанд.

Бинобар ин Сайидо бештар аз номи умуми шоирон арзи шикояту норизоӣ намудааст, аҳволи тоқатфарсо ва шӯрбахтии тамоми аҳли ҳунарро баён кардааст. Дар ин бобат вай бевосита аз номи «мо»–и

ҳамкасбонаш сухан ронда, аҳволи худро асосан ба воситаи арзи аҳволи умуми соҳибони ҳунар ифода намудааст. Ҳамин тавр, агар дар боби шикоят аз кулфати айём Сайидо ҳисси норизоии худро бештар ба воситаи ғаму андӯҳи «ман»–и лирикӣ баён намуда бошад, дар мавридҳои шикоят аз ҳунарношиносии рӯзгор ин ҳиссиёти ӯ бо тасвири тирарӯзию бадбахтии умуми шоирон ифода гардидааст:

Зи арбоби сухан кай тирабахтӣ дур мегардад?!
Мудом оби сияҳ меояд аз ҷӯи қалам берун.

Боз:

Бештар аҳли сухан ноком рафтанд аз ҷаҳон,
Тӯтиёнро хушклаб аз шаккаристон бурдаанд…
Бар замин афтодаанду хок бар сар мекунанд,
Дардмандоне, ки гӯй аз дасти чавгон бурдаанд.

Ин сатрҳо на фақат дар асоси мушоҳидаи машаққати зиндагии шоирони рӯгор, балки аз рӯи огоҳӣ аз ноқомӣ ва хорию зиллати ҳамешагии аҳли ҳунар дар замони феодалӣ гуфта шудаанд. Сайидо бадбахтию нокомиро қисмати азалӣ ва ҳамроҳи доимии аҳли сухан медонад. Ақидаи вай дар бораи тақдири шахси ҳунарманд дар ҳаёт маҳзунона аст. Ба гуфти вай, насибаи ҳунарманд аз зиндагӣ ғайр аз меҳнату ғам чизи дигаре нест, рӯзии ӯро аз хуни ҷигар сохтаанд («Ба ғайри меҳнату ғам нест қисмати Фарҳод/Ҳамеша хуни ҷигар рӯзии ҳунарманд аст»). Вале ин ақидаи маҳзунона ва рӯҳафтодагӣ аз назари субъективии Сайидо ба миён наомада, ҳақиқати ҳолро нишон

медиҳад. Қисмати аҳли ҳунар ва фазлу хирад дар асрҳои миёна, дар ҳақиқат, ҳамон тавр буд, ки Сайидо тасвир намудааст.

Аз рӯи гуфтаҳои Сайидо, тирарӯзии соҳибони ҳунар фақат аз ин набуд, ки замона ба онҳо мусоидат намекард, барои осоиши зиндагӣ ва пешрафту равнақи эҷодиашон мадад намерасонд. Бадтараш ин буд, ки замона ба аҳли ҳунар ва ҳушу хирад хусумат меварзид. Аз ин рӯ ҳар кӣ комилҳунар ва расо буд, аз чашми рӯзгор меафтод:

Ҳар кӣ шуд комилҳунар, афтад зи чашми рӯзгор,
Мешавад пайдо зи ҷавҳар печутоб оинаро.

Мавзӯи беэътиборӣ ва қадрношиносии рӯзгорро дар ҳаққи аҳли ҳунар Сайидо ба маънии **«айём (фалак) душмани ҳунарманд ва дӯсти беҳунарон»** низ гузориз медиҳад. Бояд гуфт, ки ин ақида дар адабиёти классикии мо хеле маъмул ва дерина буда, бо ҳамон сабаби хору зории аҳли ҳунар дар эҷодиёти адибон ривоҷ гирифта меомад. Сайидо низ ин ақидаро дар асоси таҷрибаи худ ва мушоҳидаи аҳволи нагуни аҳли ҳунари замон тасдиқ карда, ба чунин хулоса омадааст, ки чархи фалак, аниқтараш рӯзгор ҳамеша ба тарбияи беҳунарон саъй дорад («Ришта то гашт мурассаъ зи гуҳар донистам / Чарх дар тарбияи беҳунарон хоҳад буд»). Дар ҳоле ки кори аҳли ҳунар ривоҷе надорад, гардуни сифла ва рӯзгори дунпарвар кори беҳунаронро равнақ медиҳад:

Дар аҳди мо ривоҷ ба аҳли ҳунар намонд,
Имрӯз обрӯй ба лаълу гуҳар намонд.
Гардуни сифла беҳунаронро ривоҷ дод,
Азбаски эътибор ба соҳибҳунар намонд.

Сайидо дар аҳди худ низ чун ҳамеша кори гардун (дунё)–и дунро баръакс дидааст: вай ҳунармандро зору забун медорад, вале беҳунарро ривоҷ медиҳад, аввалиро беобрӯю беэътибор мегардонад, аммо дуюмиро қадру манзалат мебахшад. Шоир нағз медонад, ки сабабгори аслии ин кирдори акс ва дунпарварии гардун «бузургон»–и бехиради аҳд мебошанд. Аз ин рӯ андешаи ӯ дар бораи хусумату бадбинии гардун нисбат ба аҳли ҳунар як андешаи мавҳуми фалсафӣ набуда, маънии конкрети иҷтимоӣ – таърихӣ дорад, яъне аслан ба муқобили ҳунарношиносии рӯзгор ва «бузургон»–и он нигаронида шудааст. Мувофиқи ҳамин ҳадафи аслии хеш шоир аз беҳунаронро ривоҷ додани гардун сухан ронда, кирдори ӯро бо «имрӯз»–и аҳди худ вобаста кардааст. Инро дар ду байти поин низ мебинем, ки дар он нахуст рамзи чуғзро мансаби шаккаршиканӣ бахшидани фалак ва бинобар ин мӯҳри хомӯшӣ бар лаб задании тӯтиён оварда шуда, сипас бо нишон додани кирдори дунпарваронаи «халқ»–и рӯзгор, яъне одамони «рӯинатан» ва сифларо харидорӣ кардани онҳо маънии рамзии кирдори баръакси фалак равшан карда мешавад:

Тӯтиён бар лаби худ мӯҳри хамӯшӣ задаанд,
Чуғзро дода фалак мансаби шаккаршиканӣ.
Халқ гиранд чун оинаи фӯлод ба зар,
Ҳар киро ҳаст ба бар хилъати рӯинатанӣ.

Сайидо ҳамчунин мушоҳида кардааст, ки дар замони ӯ нисбат ба соҳибҳунар беҳунарони соҳиби зар бештар обрӯю эътибор доранд, ба чашми дунёдорон аз хирадманди безар ҷоҳили кисадор мӯҳтарамтар

мебошад. Бинобар ин шоир бо як кинояи нешдоре изҳори таассуф намудааст, ки агар вай ҳам дар бағал «мушти зар» медошт, гули сари сабади анҷуман мегашт, мардум ӯро ба сарашон ҷой медоданд:

Ғунчаворам дар бағал гар мушти зар бошад маро,
Ҳамчу гул дар анҷуманҳо ҷо ба сар бошад маро.

Дар ҷои дигар боз мегӯяд, ки агар мисли шамъ қатраи равған медошт, яъне доро ва соҳиби обу нон мебуд, анҷуманорои мардум мешуд:

Сайидо, шамъсифат анҷуманорой шавам,
Дар сарангуштам агар қатраи равған бошад.

Шоир ба ҳамин сабаби нодорамию безарӣ дар байни мардум обрӯю эътибор надоштани худ ва дар анҷуман роҳ наёфтанашро ба тарзи ошиқона низ ифода намуда гуфтааст:

Дар базми гулрухони чаман чун кунем ҷой,
Моро чу ғунча кисаи пурзар нададаанд.

Ин ҳама шикояти ғамангези як нафар ҳунарманди соҳибхирад аст, ки ба иллати надоштани «кисаи зар» мавриди истиқболи ҷомеа нагаштааст. Ин шикоят чи бо мазмун ва чи бо шакли ифодаи худ хеле ҳаётӣ ва воқеист. Зеро ҷомеаи ҳунарношинос ва сифлапарвари замони Сайидо, дар ҳақиқат, беш аз пеш чун ӯ бузургони фазлу адабро ба хоки хорию зиллат нишонда, беҳунарону ҷоҳилони «кисадор»–ро ба авҷи шараф расонда буд. Шикояти Сайидо бо моҳияти худ эътирози сахтест ба муқобили ҷомеаи дунпарвар ва табақаи ҳукмрони хирадбезору ҳунарношиноси он, ки аз соҳибони ҳунар сарфи назар намуда, онҳоро дастгирӣ накардааст. Ин шикоят норизоии тамоми аҳли ҳунари

даврро аз ҷомеа ва зимомдорони он ифода менамояд. Сайидо ба иллати нодорамию безарӣ дар базму анҷуманҳо роҳ наёфтан ва мавриди эҳтиром нагаштани худро изҳор намуда, дар ҳаққи дунёдорони ҷоҳилу бефазилати рӯзгор кинояи нешдоре кардааст. Анҷумане, ки дар он эҳтироми шоирро ба ҷо наовардаанд, маҳфили илму адаб набуда, балки базмҳои аъёну ашроф аст, «гулрухони чаман» низ ҳамоно образи шартии ҳамин гурӯҳ мебошад.

Баръакси хорию афтодагии аҳли ҳунар мавриди эҳтирому истиқбол гардидани мардуми беҳунар ва фурӯмоягони «кисадор» дар рӯҳияи Сайидо таъсири ногуворе кардааст. Шоир аз ин ҳунарношиносии рӯзгор маъюсу малул ва нисбат ба ҳунари шарифи худ дилмонда шудааст. Вай ба ақидае омадааст, ки бадбахтию тирарӯзии соҳибҳунар аз ҳунари ӯст. Аз дарки ин ҳақиқати талх шоирро ҳиссиёти ҳузнангез фаро гирифта, ӯро дар ҳолати асабонӣ ва музтарибонае андохтааст. Шоир аз шиддати изтироби рӯҳӣ ва яъсу ноумедӣ ба андешае афтодааст, ки беҳтар аст дигар аз паси ҳунар нагашта, «савдои зар»–ро пеш гирад. Вай ин инқилоби рӯҳии худро нисбат ба ҳунари шоирӣ дар мурожиат ба булбул бо чунин оҳанги надоматомез баён менамояд:

То кай, эй булбул, ба дунболи ҳунар афтад касе?
Беҳ ки ҳамчун ғунча бар савдои зар афтад касе.
Чун асо созанд ӯро пешвои хештан,
Кӯчагарду хушкмағзу дар ба дар афтад касе.

Дар ин сатрҳо фоҷиаи аҳли ҳунар дар ҷамъияти феодалӣ акс ёфтааст. Чунин фоҷиа дар гузашта фақат насиби Сайидо набуд. Бисёр

воқеъ шудааст, ки ҳатто шоиру нависандагони бузурге чун Сайидо ба ҳамон иллати беқадрӣ ва хорию ҷафоҳои аз рӯзгор дидаи худ дар саранҷом ҳунарро мояи бадбахтӣ шуморидаанд.

## ХУЛОСА

Сайидо бо изҳори таассурот ва эҳсоси ногувори худ нисбати авзои замонро низ ба тасвир овардааст. Ӯ замонашро мувофиқи ҳақиқати таърихӣ як давраи нооромии пур аз харҷу марҷҳо, боло гирифтани фитнаву ошӯбу хунрезиҳо, авҷи хусумату низоъ ва талошҳои ҳукуматхоҳии тӯдаи ҳукмрон тасвир намудааст.

Дар ғазалиёти Сайидо умуман воқеияти замон рӯ ба инқирозу таназзул тасвир ёфтааст. Ин таназзулу инқироз ҳам табиату ашё, ҳам ҷомеаву зиндагии инсонро фаро мегирад. Чунин тарзи нигориши воқеиятро эҳсоси манфии замон ба миён овардааст. Дар нигориши шоир беравнақии табиат бо таназзули зиндагии инсон ва иллату нуқсонҳои ҷомеа таносубу ҳамоҳангии куллӣ пайдо кардааст.

Сайидо ба ашёву ҳодисаҳои табиат чун рамзи зиндагии пурмусибати мардуми замони худ, тимсоли фоҷиаву бадбахтиҳои давраш назар кардааст. Ба чашми ӯ дар табиат ҳама чиз ғаму андӯҳи мардум, ошӯбу хунрезиҳои замонро намоиш медиҳанд. Ин ҳол далели забту истилои авзои ноҳинҷори замон дар тафаккури бадеии Сайидо мебошад.

Баробари тасвири авзои замон танқиди арбоби он ё ба таъбири шоир аҳли ҷоҳ низ аз мавзӯъҳои асосии ғазалиёти Сайидо ба шумор меравад. Ин мавзӯъ, ки алоқамандона бо мавзӯи авзои замон гузориш ёфтааст, тақрибан дар ҳамаи ғазалҳои Сайидо мушоҳида мешавад.

Вусъату густариши мавзӯи танқиди арбоби замон дар ғазалҳои бисёрмавзӯи Сайидо аз ҳамин ҳам аён аст, ки агар ба мавзӯъҳои дигар одатан як – ду байте ҷудо шуда бошад, мавзӯи танқиди аҳли ҷоҳ бисёр мавридҳо чандин байтро фаро мегиранд. Шоир ҳатто бисёр ғазалҳое

дорад, ки саросар ё асосан ба ҳамин мавзӯъ бахшида шудаанд. Ин ҳол муҳимтарин таҳаввулоти мундариҷаи жанри ғазалро дар эҷодиёти Сайидо ташкил кардани танқиди аҳли ҷоҳро нишон медиҳад.

# БОБИ II

## ТАҲАВВУЛИ ҚАҲРАМОНИ ЛИРИКӢ ДАР ҒАЗАЛҲОИ САЙИДО

Қаҳрамонони шеъри лирикӣ – ин «ман»–и шоир аст, ки ба ин ё он дараҷа бо шахси шоир ва зиндагии воқеии ӯ алоқаманд мебошад.

Дар шеърҳои лирикӣ акс ёфтани шахси шоир ва зиндагии ӯро хусусан дар ғазалҳои Сайидо ва умуман дар лирикаи ҳамзамонони ӯ равшан мушоҳида мекунем. Дар ғазалҳои Сайидо шахси шоир ва рӯзгори ӯ дар симои қаҳрамони лирикӣ инъикос шудааст. Ба муносибати васеъ ва воқеӣ инъикос гардидани рӯзгори шоир дар ғазалҳои Сайидо қаҳрамони лирикии онҳо ба таҳаввул ва тағйирот дучор шудааст. Ин таҳаввулотро пеш аз ҳама дар симои иҷтимоӣ – табақавии қаҳрамони лирикии шоир мебинем. Барои равшан шудани ин масъала аввалан симои иҷтимоӣ – табақавии шахси шоирро бояд аниқ кунем, аниқтараш, ба кадом гурӯҳ ё тоифаи иҷтимоӣ мансуб будани шоирро маълум намоем.

Аз табақаҳои поин ва қашшоқу бенавои ҷомеа сабзида баромадани Сайидоро аз баъзе шеърҳои дар ҷавонӣ эҷод кардаи ӯ фаҳмидан мумкин аст. Ин нуктаро С.Саъдиев зимни исботи дар Бухоро таваллуд шудани Сайидо ба воситаи таҳқиқи порчаи зерини як ғазали ҳолияи шоир равшан намудааст. Шоир дар он ғазали ҳолияи худ душвориҳои рӯзгор ва қашшоқию мӯҳтоҷии хешро тасвир намуда, аз ҷумла гуфтааст:

Зи урёнӣ сарамро дар канор оварда зонуям,<br>
Маро аз пираҳан бошад гиребоневу домоне.<br>
Кашам аз хони худ шармандагиву узр пеш орам,

Ба сарвақтам агар созад гузар ногоҳ меҳмоне.

Дар оғӯши падар, эй Сайидо, дорам лаби хушке,

Маро зодаст модар дар чӣ вақте, дар чӣ давроне?!

Байти охир шоҳиди он аст, ки Сайидо ғазали мазкури ҳолияи худро дар вақти зиндагии падараш, аниқтараш дар айёми ҷавониаш, он вақт ки ӯ дар «оғӯши падар» яъне ҳамроҳ ва таҳти ҳимояту сарпарастии ӯ мезист, иншо кардааст. Шоири ҷавон бо вуҷуди ҳамроҳи падар ва ёриву ғамхории ӯ зистанаш бо сахтӣ ва бо лаби хушк, қашшоқона рӯз мегузаронд. Аз ин ҷо хулоса гирифтан мумкин аст, ки хонаводаи Сайидо, чи падару модар ва чи худаш қашшоқу бебизоат буда, ба мардуми табақаҳои бенавои меҳнаткаш нисбат доштаанд. Сахтии рӯзгори ҷавонии Сайидоро аз дигар як шеъраш, ки низ маҳсули ҳамин давраи эҷодиёти ӯст, ба хубӣ пай мебарем:

Зи мавҷи ашк охир пой дар занҷир хоҳам шуд,

Агар ин аст даврон, дар ҷавонӣ пир хоҳам шуд.

Эҳтимол бисёре аз дигар шеърҳои ҳолияи Сайидо, ки дар онҳо аз тангии рӯзгор ва камбағаливу нодории шоир сухан рафта, вале ба ҷавонии ӯ ишора нашудааст, дар ҳамин давраи ҳаёташ эҷод шуда бошанд.

Ин ҳол бар хилофи ақидаи А.Мирзоев шаҳодат медиҳад, ки ӯ аз рӯи байти:

Айшу ғам бо Сайидо ҳаргиз нагардад бешу кам,

Мороcт шукр аз ҳад фузун дорем чун ҳоли васат.

давраи аввалини ҳаёт, яъне ҷавонии шоирро миёнаҳолона ва нисбатан ором ба қалам додааст, дар сурате ки дар ғазале, ки байти мазкур ба он тааллуқ дорад, ба ҷавонии муаллиф ишорае нашудааст.

Дар тарҷумаи ҳоли Сайидо нуктаи дигаре, ки бо масъалаи тааллуқи ӯ ба табақаҳои поён ва меҳнаткаши ҷомеа вобастагӣ дорад, алоқаи ӯ бо тоифаи ҳунармандон мебошад. Ин нуктаи муҳимро аввалин бор А.Мирзоев дар асоси тадқиқи осори шоир пай бурда ва масъалаи нисбати шоирро бо доираҳои ҳунармандии шаҳр ба миён гузоштааст.[1] Ба фикри муҳаққиқ Сайидо дар давраи аввали ҳаёти худ (дар айёми таҳсили мадраса) ба табақаи ҳунармандон наздик шуда, аз байни онҳо дӯстону ҳамфикроне пайдо кардааст ва аз онҳо ҳимоя ва кӯмаки моддӣ дидааст. Аммо, бинобар пиндошти муҳаққиқ, дар ин давра шоир фақат ба омӯхтани ҷараёни кори санъатҳои ҳунармандӣ маҳдуд гашта, ба касбу коре даст назадааст. Ин гумон дар асоси ҳамон ақидаи бебунёди дар давраи ҷавонӣ зиндагии осудаҳолона доштани Сайидо ба вуҷуд омадааст, ки нодурустии онро С.Саъдиев нишон додааст. Ба фикри мо, Сайидо ҳанӯз дар давраи ҷавонии худ, ки аз табақаи камбағал ва меҳнаткаш сабзида баромадааст, бинобар зиндагии қашшоқонааш ногузир ба меҳнати ҳунармандӣ даст задааст.

Аз бисёр ишораҳои Сайидо дар ғазалҳояш фаҳмида мешавад, ки ӯ дар ҳақиқат бо касбу кор машғулӣ доштааст. А.Мирзоев касби Сайидоро бофандагӣ ҳисоб карда, онро ба давраи пирии шоир нисбат медиҳад. Вале С.Саъдиев касбу ҳунари шоирро аниқ накарда бошад

[1] . Мирзоев А. Сайидо..., с.

ҳам, бо олоти теша вобаста будани онро аз рӯи бисёр байтҳои ӯ, ки дар онҳо шоир меҳнати ҷисмонии худро бо ҳунари кӯҳкании Фарҳод монанд кардааст, нишон додааст. Сайидо чунончи дар ин сатрҳои як ғазалаш меҳнати пешаварии худро бо ҳунари тешазании Фарҳод муқоиса намуда, аз ин рӯ худро бо ин кӯҳкани афсонавӣ «ҳампеша» ҳисоб кардааст:

Фарҳод нола мекунад аз тешаам ҳанӯз,
Ояд садо зи турбати ҳампешаам ҳанӯз.
Эй барқ, по манеҳ ба найистони хонаам,
Осудагӣ надидаам аз пешаам ҳанӯз.

Қатъи назар аз он ки Сайидо мушаххасан соҳиби кадом касбу коре будааст, умуман бо меҳнати тешаварӣ шуғл доштани ӯ аз сатрҳои мазкури шеъраш тамоман равшан мегардад.

Ба эътибори шахсан бо меҳнати ҳунармандӣ машғул буда, бевосита бо табақаи ҳунармандон алоқадор будани Сайидо дар шеърҳои ӯ мавқеи калон доштани васфи ҳунару ҳунармандӣ, бологузории қадри инсони соҳибҳунар ва ситоиши арзишу аҳамияти меҳнати ҳунармандӣ ҳодисаи тасодуфӣ наменамояд. Чунончӣ дар байти зерин шоири ҳунарманди меҳнатқарин бо як ҳисси ифтихор ва қаноатмандӣ изҳор доштааст, ки ризқу рӯзии ӯро осмон аз хони шахсони давлатманд не, балки аз зӯри дасту бозувони худаш, яъне аз кори ҳунармандиаш таъин кардааст:

Зи хони ҳеҷ кас азбаски ангуште нагардад тар,

Хати таслим дода осмон дар дасту бозуям.

Шоири ҳунарвар аз он сарфароз аст, ки мисли ӯ соҳибҳунарон ризқу рӯзии худро ба воситаи меҳнати ҳунармандии худ ҳатто «аз санг» ҳам пайдо карда метавонанд. Бинобар ин соҳибҳунар каси сарафроз, сарбаланд, аз хорию зиллати эҳтиёҷ бурдан ба дари касон, миннат кашидан аз соҳибони ҷоҳу сарват озод аст. Ин сарбаландӣ ва имтиёзи инсониро ба вай ҳунараш додааст:

Шир мегардад бурун аз кӯҳ баҳри Кӯҳкан,
Ризқи худ соҳибҳунар аз санг пайдо мекунад.

Ба ҳамин маънӣ дар ҷои дигар низ мегӯяд:

Сайидо, ризқи ҳунарвар мерасад дархӯрди кор,
Рӯзии Фарҳодро гардун зи ҷӯи шир кард.

Шоири ҳунарвар таъкид намудааст, ки одами соҳибҳунар аз тараддуд ва даву тозҳои беҳосил баҳри пайдо кардани «лаби нон» фориғ аст. Чунки ҳунараш ба вай тавассути ба кор андохтани дасту бозувон дар ҷои қарораш ризқу рӯзиро таъмин менамояд, ӯро аз ранҷу хастагии таку давҳои зиндагӣ озод мегардонад:

Сайидо, марди ҳунарманд аз тараддуд фориғ аст,
Даст агар бар кор машғул аст, по осуда аст.

Хусусан аз бори миннати дигарон соҳибҳунарро озод нигоҳ доштани ҳунар ба назари Сайидо аҳамияти ҷудогона дорад. Чунки ин

фазилати ҳунар ба соҳибаш шарафи инсонӣ ато мекунад, ӯро аз хорию зорӣ дур медорад:

Ба зери бори миннат кай ҳунарвар मениҳад гардан?
Наҷунбад Кӯҳкан, гар бар сари ӯ Бесутун афтад.

Аммо дар адабиёти асри XVIIтоҷик танҳо Сайидо намояндаи доираҳои ҳунармандӣ ва мансуб ба мардуми меҳнаткӣ набуд. Дар асри XVII гурӯҳи сершумори намояндагони адабиёти шаҳрро аҳли касбу ҳунар ташкил мекарданд. Ба ин дар тазкираи Малеҳо зикр гардидани бисёр шоирони ҳунарманд, ки теъдоди умумии онҳоро С.Саъдиев бештар аз 20 – нафар муайян кардааст,[1] далел шуда метавонад.

Шоирони ҳунарманд намояндагони ҳақиқии халқи оддии меҳнаткаш дар адабиёт буда, қувваҳои халқии онро ташкил мекарданд. Адабиёти мумтози тоҷик дар симои ин шоирони пешавар бевосита ба мардуми оддии меҳнаткаш нуфуз карда, аз ҷиҳати иҷтимоӣ заминаи устувори халқӣ ва демократӣ пайдокарда буд. Аз ин рӯ, ҷолиби таваҷҷӯҳ аст, ки на ҳамаи шоирони ҳунарманд одамони таҳсил карда ва саводнок будаанд. Дар байни онҳо шоирони таҳсилнадида ва бехату савод низ дучор мешуданд. Аз ахбороти Малеҳо чунончи дар бораи шоири масҳидӯз Навои Самарқандӣ маълум мегардад, ки "чашми ӯ аз савод тиҳӣ ва дасташ аз навиштани хатбарӣ", яъне хондану навиштанро намедониста бошад ҳам, вале дар гуфтани шеър табъаш

[1] С.Саъдиев. Адабиёти тоҷик дар асри XVII, с.95

равон ва дар музокираи ашъор ширингуфтор буда, номаш дар шоирӣ шӯҳрат доштааст.[1]

Чунин одамони оддии меҳнатиро завқи баланд ва табъи саршори бадеӣ ба майдони шеъру адаб оварда, меҳнати ҷисмонии пешавории онҳоро ба фаъолияти эҷодии суханварӣ пайваста буд. Зарурати таъмини эҳтиёҷоти зиндагӣ ин шоирони меҳнаткашро намегузошт, ки касбу кори ҳунармандиро тарк карда, тамоми вақту қуввати худро ба кори эҷодӣ сафарбар намоянд. Бо вуҷуди ин онҳо баробари машғули бо меҳнати пешаварӣ ва ташвишҳои ҳаррӯзаи рӯзгор дар соҳаи санъати суханварӣ низ маҳсулнок ва самарабахш кор мекарданд. Агар ин аҳли касби соҳибзавқ аз бори меҳнати пешаварӣ ва машаққату ташвишҳои зиндагӣ фориғ мебуданд, истеъдоди адабии худро бештару хубтар зоҳир намуда, ба адабиёт боз бештар хидмат карда метавонистанд. Вале афсӯс, ки меҳнати пешаварӣ ва бори гарони рӯзгори пурмашаққати он давраи таърихӣ ба кори эҷодии онҳо мамониат мекард, ба пурра сафарбар гардидани истеъдоди адабии онҳо халал мерасонд. Зиёда аз ин, сахтии рӯзгор ва бори гарони зиндагӣ боиси аз кори эҷодӣ боз монда, тарки шоирӣ кардани баъзе аз онҳо мегардид. Аз ҷумла шоири боистеъдоди маъруфи оҳангар Масеҳои Самарқандӣ ба чунин ҳол афтода будааст. Малеҳо дар тазкирааш дар бораи ӯ навиштааст: "Ба фикри шеъру шоирӣ субҳу шом ба тариқи давом иштиғол менамуд ва шӯҳрати тамом дар ин кор дошт. Аз ҷумлаи зурафо буд ва аз шоирони соҳибназокат менамуд. Бидояти ҳолаш чунин буд. Баъд аз кадхудо шудан... он назокатҳо ҳама рафт ва мутабаддил ба фалокатҳо гардид ва табъи нозукаш чунон

[1]С.Саъдиев. Адабиёти тоҷик. с.215

кундаву табархӯрда шуд, ки ҳеҷ чиз ба ӯ коргар наёмад. Чиҳати тангии маишат ва тамомии машаққат аз Самарқанд худро ба Бухоро кашида, ба муҳими ҳаддодӣ (оҳангарӣ), ки ҳунари волиди ӯ буд, мепардозад ва аз дилу димоғ тамоми шоириро бароварда, ба фақирии худ мекӯшад".[1]

Шоири дигари боистеъдод Азмии Бухороӣ ҳам, ки аввалҳо атторӣ ва баъд деҳқонӣ мекард, ба ҳамон иллати гирифторӣ ба машаққату фалокатҳои зиндагӣ фаъолияти эҷодии худро қатъ кардааст, ки ин ҳоли ӯро Малеҳо бо афсусу дареғи бештаре баён намудааст: "Ба ҷиҳати фавти аёлу атфол ва машаққатҳо димоғи пардохти шеъраш намондааст. Ҳайф, табъи гавҳарфишон дошта. Он чӣ дар аҳди шабоб таҷассус дар ин кор (шоирӣ) карда буда, айёми шеб (калонсолӣ) бетараддуд аз даст дод. Оре, рӯзгори носозгор машаққатҳои бисёр дорад ва ба озодагон намесозад".[2]

Сабаби чунин ҳодисаҳои тарки шоирӣ кардани аҳли адаби бечораҳолу бенаво агар аз як тараф машаққати зиндагӣ ва тангии маишат бошад, аз тарафи дигар беқадрӣ ва бехаридории ҳунари суханварӣ дар он рӯзгор буд.[3] Бинобар ин, аҳли сухан наметавонистанд ба воситаи ҳунари шоирии худ зиндагиашонро таъмин намоянд.

Эҳтиёҷи зиндагӣ аҳли адаби доираҳои шаҳрро водор менамуд, ки ба шуғлу ҳунарҳои гуногуни ғайри шоирӣ даст зананд. Бисёр шоирон анвои ҳунарҳоро омӯхта буданд, то ба воситаи онҳо маоши зиндагии худро ба даст оранд. Агар баъзе аз онҳо қиссахониву ривоятгузориро пеша карда, дар кӯчаву бозорҳои шаҳр мардумро дар атрофи худ ҷамъ

---

[1] Тазкираи «Музокир ул – асҳоб» ё «Тазкират уш – шуаро»–и Малеҳои Самарқандӣ. –Душ, 138 ҳиҷрӣ, с 478.
[2] Тазкираи Малеҳо, с. 347
[3] С.Саъдиев. Адабиёти тоҷик дар асри XVII, с 44.

намуда, ба нақли достонҳои қаҳрамонии халқ, аз қабили Шоҳнома, Абӯмуслимнома, Ҳамзанома машғул шуда бошанд, гурӯҳи дигар анвои ҳунарҳои чашмбандиву ҷодугарӣ, аз қабили сеҳру тилисмот, найрангу шӯъбада, фолбинӣ ва ғайраро омӯхта буданд ва доимо ё дар мавридҳои зарурӣ ин ҳунарҳои худро ба кор мебурданд. Аз ҷумла Афгори Самарқандӣ ба мардум гоҳо "шӯъбадаҳову рангҳо ва ҳилаҳову найрангҳо менамуд ва "забти тилисмот" карда буд[1]. Малеҳо дар бораи шоири мӯзадӯз Манзури Самарқандӣ низ менависад, ки "аз ҳама чиз соҳибвуқуф ва ба анвои ҳунармандӣ маъруф ваба илми рамл (фолбинӣ) таваҷҷӯҳи бисёр дошт ва ба кашиди тилисмоту мураббаот мутаваҷҷеҳ буд".[2]

Аҳли адаби доираҳои шаҳрро ба фарогирифтани ҳунарҳои гуногун на танҳо шавқу ҳаваси табиӣ, балки эҳтиёҷи зиндагӣ низ водор менамуд. Ин гурӯҳи аҳли адаб бештар ба таҳсили он ҳунарҳое саъё мекарданд, ки барои онҳо манфиати амалӣ дошта, воситаи касби маош буданд. Ҳунарҳои дар боло зикр шуда аз қабили он илму ҳунарҳои "касби маош" буданд, ки шоирони доираҳои шаҳрро ба худ мекашиданд. Ин илму ҳунарҳо на бо мадраса ва барномаи таълими он, балки ба кӯчаву бозор ва аммо алоқаманд буданд.

Шоирони дарвеш (қаландар) ва дарвешвазъ низгурӯҳи дигари сернуфус дар таркиби иҷтимоии қувваҳои адабиёти ин давр ба ҳисоб мераванд. Инҳо бо сурати ҳоли гадоёна ва тариқаи зиндагии бенавоёнаи худ ҷузви мардуми оддии камбағал ба шумор меомаданд. Теъдоди ин гурӯҳи шоиронро С.Саъдиев аз рӯи тазкираи Малеҳо тақрибан 20 нафар шумурдааст. Ин гурӯҳи шоирон монанди тамоми

[1] Тазкираи Малеҳо, с. 42.
[2] Тазкираи Малеҳо, с. 487.

тоифаи қаландарону дарвешон бо сурати ҳоли гадоёнаи худ ба “поинтарин” ва қашшоқтарин табақаи оммаи халқ мансуб буданд. Бештарини онҳо гадоӣ мекарданд ва аҳли дарюза буданд. Малеҳо чунончи дар бораи нодими Ҳисорӣ нақл кардааст, ки номбурда вақте ҳамроҳи як гурӯҳ ҷаридагон (қаландарон) аз ҳинду ба Самарқанд бозгашта омада, дар Чорсӯи шаҳр сухани шоиронаи “ҳар кӣ ду динор диҳад, илоҳӣ дуди нор набинад”–ро такроркунон аз мардум садақа мепурсид.[1]

Бедарак нест, ки Малеҳо дар зикри шоирони қаландару дарвешвазъ ва дар мавридҳои дигар калимаҳои озодаву ҷаридаву қаландарро чун муродиф ва ҳаммаънои калимаҳои «бенавою бесарупову камбағалу лучу гадо» кор фармуда, тоифаи қаландаронро аз ҷумлаи мардум бенаво ва гадо ба шумор овардааст.

Чунон ки А. Мирзоев ва С.Саъдиев равшан кардаанд, асри XVII давраи ниҳоят вазнин ва номусоиде барои зиндагии аҳли адаб буд. Ба иллати ҳунаршиносӣ ва аҳли суханро харидориву дастгирӣ накардани соҳибони давлат шоирон дар вазъияти бисёр танги моддӣ монда, аксаран дар фақириву бенавоӣ умр ба сар мебурданд. Танги шароити зиндагии аҳли адаб боз аз ин буд, ки аксари онҳо аз байни оммаи халқ сабзида баромада ва ба гурӯҳу тоифаҳои «поин» ва бенавои ҷомеа тааллуқ доштанд.

Дар шароите, ки ҳунари суханварӣ харидор ва шоирон сарпарасте надоштанд, барои онҳо ба ғайр аз қаноат ва созиш бо камбағаливу бечорагӣ дигар чорае набуд. Бинобар ин аксари шоирони ин давр қаноатпешагиро ихтиёр карда ва аз орзуву ҳавасҳои зиндагӣ

---

[1]С.Саъдиев. Адабиёти тоҷик дар асри XVII, с. 204.

даргузашта буданд. Қаноатпешагӣ ва бо «лаби ноне» кифоят намуда, эҳтиёҷи худро ба мардум, хусусан ба аҳли ҷоҳу сарват нишон надодан принсипи маънавию ахлоқӣ ва тарзи зиндагии аҳли адаб қарор гирифта буд. Малеҳо ин хислати шоистаи ахлоқии шоирони замонашро бо таърифу таҳсин ба забон овардааст. Вай аз ҷумла шоири машҳур Сарафрози Самарқандиро ба ҳамин фазилати ахлоқиаш сутуда, навиштааст, ки ӯ «мутафаррид дар истиғно чунон аст, ки дар бисёр умри худ ба касе кам ҳоҷат бурда, дида нашудааст, ки аз ошноён чизи дилхоҳе гирифта бошад».[1] Сайидо, Мулҳам, Фитрати Зардӯз ва бисёр дигар суханварони машҳури ин аср дар қаноатпешагӣ ва ҳоҷат набурдан ба дари арбоби давлат шӯҳрат доштанд. Шоирӣ на танҳо рамзи фақириву бенавоӣ, балки озодагию истиғно гардида буд. Шоирон дар шароити танги маишӣ зиста бошанд ҳам, қашшоқиву бенавоӣ ва гуруснагиро аз илтиҷо ва ҳоҷат бурдан ба дари соҳибони молу давлат, бенавоии озодонаро аз сар хам кардан дар пеши фурӯмоягон ва миннат кашидан аз нокасон авлотар медонистанд. Онҳо аз камбағалӣ ва бечорагии озодонаи худ ифтихор дошта, онро дар ашъорашон пайваста тараннум мекарданд. Инро бештар аз ҳама дар ашъори бузургтарин шоири ин давр Сайидои Насафӣ мебинем.

Васфи ҳунару ҳунарманд ва таъкиду таблиғи аҳамияти он дар зиндагии инсон оҳанги тозаи арзишманде дар мундариҷаи ғоявии лирикаи Сайидо мебошад. Ин оҳангро шахсан бо кори ҳунармандӣ машғул шудани шоир ба вуҷуд оварда, онро вусъат бахшидааст, чунон ки он дар ғазалиёти ӯ зуд – зуд бо паҳлӯҳои наваш такрор мешавад. Бо васфи ҳунару ҳунарманд ва тараннуми нақшу аҳамияти он дар

[1] Тазкираи Малеҳо, с. 288.

зиндагии инсон, хусусан инсони меҳнаткаши мансуб ба мардуми оддӣ Сайидо чун шоири доираҳои ҳунармандӣ сухан рондааст, манфиатҳои онҳоро ҳимоя намудааст, мақоми онҳоро дар ҷамъият, қадру эътиборашонро боло гузоштааст.

Оҳанги мазкур дар заминаи ҳаёти шахсӣ ва таҷрибаи зиндагии шоир, мушаххасан кору бори ҳунармандии ӯ ба вуҷуд омадааст. Сайидо бузургии ҳунар, арзишу аҳамияти онро дар фаъолияти ҳунармандии шахси худ санҷида ва эҳсос кардааст. Бинобар ин «ман»–и ҳунарманди ӯ аз «мо»–и умумии соҳибони ҳунар канда нест ва доманадори ғазалиёти ӯ мавзӯи ба истилоҳ ҳасби ҳол ва шикоят аз рӯзгори бенавоёнаи соҳибсухан равшан нишон медиҳад. Вусъати ин мавзӯъ бо ин муайян мегардад, ки он қариб дар тамоми ғазалҳои Сайидо ба дараҷаи каму беш гузориш ёфтааст. Шоир ҳатто бисёр ғазалҳое дорад, ки саросар ё асосан ба арзи аҳвол ва вазъияти зиндагии ӯ бахшида шудаанд.

Дар ғазалҳои Сайидо аз маъшуқа кам сухан меравад. Шоир бештар аз ҳолати зиндагии муқаррарӣ ва вазъияти рӯҳии худаш ҳарф задааст, ки ба ишқу ошиқӣ камтар муносибат дорад. Гузориши мавзӯи ҳасби ҳол ва вусъати он дар ғазалҳои Сайидо аз рӯи анъанаи ғазалсароӣ набуда, натиҷаи душвории машаққатҳои рӯзгори шоир аст. Ин мавзӯъ бо рӯзгори воқеии худро бар жанри лирики ғазал ба таври васеъ, воқеӣ ва бо ҷузъиёташ ба қалам овардааст. Ҳасби ҳоли Сайидо рӯзгори талху пурмашаққати як нафар суханвари қашшоқу бенаворо инъикос менамояд. Зиндагии ин шоир он гунна ки дар ҳасби ҳоли ӯ тасвир ёфтааст, танҳо зиндагии як шоири бенаво, ҳаёти рӯзгори мардуми қашшоқу бечораҳол аст. Шоир гӯё дар симои худ ва рӯзгори

хеш ҳаёти пурмашаққати мардуми бечораи замонашро муҷассам намудааст. Дар ҳасби ҳоли мардуми бечораҳол ба забон омадааст. Ҳоло мебояд ин масъала равшан карда шавад, ки ба мардуми оддии меҳнати мансуб будани шахси Сайидо дар ғазалҳои ӯ чӣ нақше дорад.

Мансубияти Сайидоро ба мардуми табақаҳои поин ва меҳнатӣ боз як мавзӯи густурда – аз ҳаёти пурмашаққати худ бо сӯзу гудоз ҳикоят кардани ӯ тасдиқ мекунад.

Сайидо бо ҳасби ҳоли пурҳасрат ва риққатовари худ хонандаро мутаассир менамояд, ӯро ба ғаму ғуссаи рӯзгори тираи худ шарик месозад. Беҳуда нест, ки ӯ дар як шеъраш аз тасвири ҳасби ҳоли худ сухан ба миён оварда гуфтааст, ки аз нолаву фиғонҳояш ҷаҳонро ба хурӯш оварда метавонад.

Чу Сайидо агар аз фиғон набардандам,
Ҷаҳон зи нолаи ман дар хурӯш меояд.

Ин байт рамзи саршории ғазалиёти Сайидо аз ҳасби ҳоли пурҳасрат аст. Сабаби аввалин ва асосии оҳанги мазкури ғазалиёти шоир ҳамон тирарӯзӣ ва бенавоии ӯ будааст. Ба воситаи ҳасби ҳоли шоир дар ғазалиёти Сайидо рӯзгори инсони қашшоқу бенаво, ҳаёти пурмашаққати оммаи халқ инъикос гардидааст.

Ҳасби ҳол худ аз худ дар ғазалиёти Сайидо албатта, мавзӯи нав набуд. Ин мавзӯъ дар ғазал ба тақозои табиати лирикии жанри мазкур, вобаста ба ифодаи авзои рӯҳии «ман»–и лирикӣ гузориш ёфта меомад. Вале дар ғазалиёти Сайидо ҳасби ҳол дар бисёр мавридҳо хусусияти ишқӣ – лирикии худро аз даст дода, ба арзи аҳволи зиндагии шоир

табдил ёфтааст. Ин ҳасби ҳол на бо кайфиятҳои рӯҳӣ ва ошиқонаи қаҳрамони лирикӣ, балки бо зиндагии воқеии шоир алоқаманд гардидааст. Вай на ҳасби ҳоли ишқӣ – лирикӣ, балки ҳасби ҳоли рӯзгории шоир аст. Аз ин рӯ қаҳрамони лирикии ғазал аз шахси ошиқ, ба инсони рӯзгорӣ табдил ёфтааст. Ин яке аз таҳаввулоти муҳим дар характери қаҳрамони лирикии ғазали Сайидо мебошад.

Дар ғазалиёти Сайидо зиндагии шоир бо муҳити фақиронаи хонаву ҷой ва вазъияти танги рӯзгори ӯ инъикос шудааст. Дар чунин мавридҳо қаҳрамони лирикии ғазал шахси шоирро таҷассум менамояд ё ҳеҷ набошад ба ӯ наздик меистад. Ба эътибори ҳамин ғазалҳои ҳолия ва байтҳои ҷудогонаи ҳасбиҳолии ғазалиёти Сайидо аз тарафи А.Мирзоев ва С.Саъдиев ҳамчун санадҳои мӯътамад дар барқарор кардани тарҷумаи ҳоли ӯ истифода шудаанд.

Ҳасби ҳоли рӯзгорӣ тақрибан дар тамоми ғазалҳои Сайидо ба дараҷаи каму беш гузориш ёфтааст. Чунончӣ ин ғазали ҳолияи ӯро гирем:

Баҳри рӯзӣ осмон кардаст саргардон маро,
Мӯри лангам, нест уммеде аз ин деҳқон маро.
Аз матоям доманафшон бигзарад наззорагар,
Баски аз гарди касодӣ пур бувад дӯкон маро.
Қисмати ман чун хумо набвад ба ғайр аз устухон,
Карда ин рӯзӣ халос аз миннати даврон маро.
Мегудозам чун чароғу об мегардам чу шамъ,
Ҳар кӣ чун парвона мегардад шабе меҳмон маро.
То лаби ноне чу гандум рӯзии ман кардаанд,
Дар гиребон чокҳо афтод то доман маро.

Аз табассум пистаро мағзи сар омад дар даҳон,
Вақфи дандони надомат шуд лаби хандон маро.
Доғҳо чун лола аз аъзои ман гул кардааст,
Чоки пироҳан намояд рахнаи бӯстон маро.
Гар равам баҳри тамошо сӯи гулшан чун насим,
Ғунча ҳамчун бӯй созад дар бағал пинҳон маро.
Гаштаам хилватнишин аз тӯҳмати урёнтанӣ,
Чоки пироҳан чу Юсуф карда дар зиндон маро…
Меравад, эй Сайидо, аз дидаам дарёи хун,
Хори мижгон менамояд панҷаи марҷон маро.

Дар ин ғазал гуфтугӯи субъекти лирикӣ дар бораи худаш ба тариқи ошиқона набуда, бештар ранги рӯзгорӣ дорад. Ин нуктаро аз рӯи чанд байти ғазал шарҳ медиҳем.

Саргардоние, ки ӯ дар матлаи ғазал бо он арзи аҳволи худро оғоз намудааст, саргардонии кӯи ошиқӣ набуда, ташвишу тараддудҳои сирф рӯзгории шоирро барои пайдо кардани ризқу рӯзӣ нишон медиҳад. Шоир тараддуду такопӯҳои қаҳрамони лирикиашро дар роҳи зиндагӣ ва ба даст овардани обу нон тасвир карда истода, аз ҳамин рӯ вайро ба мӯри донакаш қиёс менамояд. Дар ин ҷо образи мӯр на барои нишон додани аҷзу нотавонӣ, балки таъкиди саъю кӯшишҳои «ман»–и лирикӣ дар роҳи пайдо кардани рӯзӣ ҳам аз назари сирф рӯзгорист: вай барои ифодаи қаноатпешагии худ дар зиндагӣ ба ин образ муроҷиат намуда, бо рӯзии андак кифоят карданашро изҳор доштааст. Изҳороти шоир дар байти дигар дар бораи чун чароғ гудохтану чун шамъ об шуданаш низ аз сӯзи ишқу

ошиқӣ нест. Сӯзу гудози ӯ аз ҳиҷолати ин аст, ки агар шабе ба кулбааш меҳмоне ояд, ба сабаби бенавоӣ пеши ӯ чизе хӯрданӣ гузошта наметавонад. Аз гиребон то ба доман чок шудани пироҳани ӯ низ аз шавқу эҳсосоти ошиқона набуда, аз азобу машаққати рӯзгор ва душвории ба даст овардани «лаби нон» аст. Пас аз ин дар байти дигар боз аз чоки пироҳану доғҳои аъзои бадани худ ҳарф задани шоирро низ ба ранги ошиқона тавзеҳ карда наметавонем. Ин чоку доғҳо ҳамоно аз фарсудагии пироҳан ва душвориҳои тоқатшикани зиндагианд. Байти пеш аз мақтаъ, ки дар он ба иллати урёнтанӣ ва фарсудаву чок – чок шудани пироҳанаш аз мардум ҳиҷолат кашида, хилватнишин гардидани қаҳрамони лирикӣ баён шудааст, ин маъниро таъкид мекунад.

Баррасии ин чанд байт нишон медиҳад, ки дар ғазали Сайидо қаҳрамони лирикӣ бештар чун инсони рӯзгории камбағалу бенавое зуҳур кардааст. Вай инсони рӯзгориест, ки бо ташвишу тараддудҳои зиндагӣ ба сар мебарад, барои пайдо кардани ризқу рӯзӣ саргардон аст, «лаби ноне»–ву «дами обе»–ро ҷустуҷӯ дорад, дар ғами сару либос ва дигар заруриёти зиндагӣ мебошад. Аз ин рӯ вай ҳамеша аз табоҳии рӯзгораш ҳасби ҳол намуда, гуруснагиву ташнагӣ, урёнтаниву побараҳнагӣ, дасткӯтоҳиву бенавоӣ, суфраи ҳолӣ аз обу нон, кулбаи фақиронаву бӯрёи ҳолии он ва монанди ин норасоиҳои зиндагии худро баён намудааст. Ғаму андешаи рӯзгор гӯё ҳиссиёти ошиқонаи ӯро фурӯ нишонда ва баҳси ишқро аз ёдаш бурдааст. Сайидо нисбат ба таранруми ишқ, зиёдтар ба мавзӯи «обу нон» таваҷҷӯҳ намуда, қаҳрамони лирикии ӯ низ аз таманнои расидан ба висоли ёр дида

бештар орзуи беҳбуди зиндагиро дар дил парваридааст, ӯро овораи рӯзӣ ва ҷӯёи порчаи нон мебинем.

Барои пурра ва беҷунучаро собит кардани ин нукта боз як ғазали ҳолияи шоирро намуна меорем.

Дар баҳор аз фоқа ранги заъфарон бошад маро,
Пираҳан бар дӯш аз барги хазон бошад маро.
Чун давоти хушк аз чашми қалам афтодаам,
Аз тиҳидастӣ даҳони безабон бошад маро.
Баҳри рӯзӣ мекунам бофандагӣ чун анкабут,
Хона ҳамчун дарбоз аз ресмон бошад маро.
Мекунам наззора неъматҳову ҳасрат мехӯрам,
Тангдастам, рӯзие дур аз даҳон бошад маро.
Гаштаам аз фоқа ҳамчун тири бепар гӯшагир,
Хонаҳои хушку холӣ чун камон бошад маро.
Чун фалак аз меҳру маҳ бар суфра дорам нони қоқ,
Рӯзу шаб шармандагӣ аз меҳмон бошад маро.
Бедимоғам, мекашам аз бӯи гул шармандагӣ,
Дар чаман чун беди маҷнун сар гарон бошад маро.
Ҳар кӣ андозад назар бар номаам, гардад хамӯш,
Хома аз милу давот аз сурмадон бошад маро.
Нест оромӣ маро дар хона ҳамчун осиё,
Рӯзу шаб шармандагӣ аз обу нон бошад маро.
Сайидо, бодому нарги ё дар ба рӯям во кунанд,
Гӯшаи чашме агар аз боғбон бошад маро.

Дар ин шеър низ сухан на аз ишқу ошиқӣ ва ҳиссиёту ҳолатҳои ошиқона, балки танҳо аз тиҳидастию фоқа (гуруснагӣ) барои ба даст овардани рӯзӣ ва пораи нон саъю кӯшишҳо кардан, хонаи хушку холӣ ва суфраи ғайр аз пораҳои нони қоқ аз дигар неъматҳо холӣ, аз надоштани обу нон худро шарманда ҳис кардан ва ғайра норасоиҳои зиндагии маишии «ман»–и шоир меравад. Ин ҳасби ҳоли сирф маишӣ аст, ки аз тангдастию қашшоқӣ ҷузъиёти рӯзгори бенавоёнаи «ман»–и лирики шоир ҳикоят мекунад.

Ҳасби ҳоли Сайидо ҳасби ҳоли пурҳасрати инсони рӯзгории фақиру бенавост, ки хонандаро мутаассир намуда, ӯро бо ғаму ғуссаи рӯзгори пурмашаққати соҳибсухан шарик месозад. Ин ҳасби ҳол инъикоси рӯзгори талх ва сахтиву душвориҳои зиндагии шоир аст. Дар симои қаҳрамони лирики Сайидо ба ғазал инсони тангайшу бечораҳоле ворид шудааст, ки мудом аз тиҳидастиву нобудагии худ арзи ҳол менамояд.

Зисту зиндагии муфлисона, мӯҳтоҷиву дасттангӣ, хонаи холӣ аз чизу чора, сару либоси кӯҳнаву даридаи «ман»–и шоир, чунон ки дар ғазалҳои Сайидо тасвир шудааст, аҳволи камбағали бенаворо ба назар меоранд. Шоир аз зиндагии фақиронаи худ ҳарф зада, аз ҷумла қайд мекунад, ки дар хонаи ӯ чизе нест ва аз гуруснагӣ ранҷ мекашад. («Гаштаам аз фоқа ҳамчун тири бепар гӯшагир – Хонаҳои хушку холӣ чун камон бошад маро»). Дар хонаи хушку холии ӯ ғайр аз бӯрёи холӣ як чароғи пурдуд ҳаст, ки аз дуди он шабҳо хобида наметавонад:

Хонаи ман баски лабрез аст аз дуди чароғ,
Нест шабҳо хоб ҳамчун дидаи равзан маро.

Шоир бисёр вақт гуруснагӣ мекашид:

Гаштаам аз фоқаи бисёр тори анкабут,
Интизорӣ бар пару боли магас бошад маро.

Шоири бенаво, ба гуфти худаш, тамоми умр фақат як либос дошта, танаш қабои тозаро намедид:

Ба як либос ҳама умр қонеам чун сарв,
Қабои тоза кашидаст рахт аз дӯшам.

Боз:

Дар қабои кӯҳна ҳамчун сарв умри ман гузашт,
Рӯзгоре шуд ҳиҷолат дорам аз аъзои хеш.

Ин як пироҳан бо мурури замон чунон кӯҳна ва пора шуда буд, ки аз тани шоири бечора меафтод, аммо вай барои дӯхтани он аз рафтан пеши руфӯгар шарм мекард:

Гар равам пеши руфӯгар, мекашам шармандагӣ,
Ҳамчу гул аз дӯш афтодаст пироҳан маро.

Бинобар ин вай аз шарм аз кунҷи хона берун баромада, худашро ба чашми мардум нишон дода наметавонист:

Зи кунҷи хонаи худ, Сайидо, берун намеоям,
Мабодо пай барад ағёр аз ҳоли табоҳи ман.

Шоири бенаво аз дастархони холии худ назди меҳмон шарм доштанашро пайваста изҳор кардааст.

Чунин ҷузъиёт дар ҳасби ҳоли рӯзгории Сайидо бештар ба назар мерасад. Дар ҳасби ҳоли рӯзгорӣ ба ҷузъиёти зиндагии худ майл намудани Сайидо боиси инъикоси зиндагии маишии ӯ гардидааст. Бояд гуфт, ки тасвири зиндагии маишии шахс, алалхусус бо ҷузъиёти

он, ба ғазал барин жанре, ки эҳсосу андешаҳои лирикиро ба тарзи умумӣ ифода менамояд, аслан хос набуд. Ба шеъри лирикӣ ворид шудани чунин ҷузъиёти зиндагии маишии шоир аз майлу кӯшиши ба тарзи конкрет ифода намудани вазъияти зиндагии шахс сар зада, ҷанбаи реалистии мундариҷаи лирикаро пурқувват гардондааст. Вале ба эътибори шартияти муайяни назми классикии тоҷик гуфтаҳои Сайидоро оид ба ҷузъиёти зиндагии маишии ӯ ба тарзи аёнӣ ва конкрет фаҳмидан дуруст нахоҳад буд. Шоир чунин ҷузъиётро бештар барои образноку таъсирбахш ва аёниву мушаххас тасвир намудани сахтиҳои рӯзгори худ овардааст.

Ҳасби ҳоли маишии Сайидо зиндагии ӯро бисёр фақирона, шахси ӯро ниҳоят бечораву бенаво ва муфлис нишон медиҳад.

Пайдост, ки шоир дар тасвири бадеии аҳволи зиндагии худ то андозае муболиға наудааст. Фаромӯш намекунем, ки дар шеъри лирикӣ ҳолати зиндагӣ ва шахси шоир айнан ба тарзи натуралистӣ тасвир намеёбад. Аз ин рӯ зиндагии воқеии шоир аз ҳасби ҳоли ӯ фарқи муайяне дорад: аввалӣ ба шахси шоир ва дуюмӣ ба образ ё қаҳрамони лирикии ӯ нисбат доранд. Бо вуҷуди ин образи шоир ҳақиқати зиндагии ӯро ба воситаи образҳои бадеӣ, гоҳо андак муболиғаомез ва аз аслаш табоҳтар ифода намудааст. Бинобар ин ҳасби ҳоли ӯ на хосияти натуралистӣ ё ҳуҷҷатӣ, балки бештар хусусияти реалистӣ дорад.

Аммо арзиши асосии реализми ҳасби ҳоли Сайидо дар ин нест. Ин ҳасби ҳол аз он ҷиҳат бештар аҳамият дорад, ки ҳақиқати ҳаёти талхи оммаи халқи бенаворо инъикос намудааст. Вақте ки Сайидо чунончӣ ба сабаби дасткӯтоҳиву нодорамӣ миёни мардум сархам ва

«бар замин дӯхтачашм» гардидани худ («Бар замин дӯхтачашмам зи кӯтоҳии даст – Умрҳо шуд, ки фитодаст кулоҳ, аз сари мо») ва ё аз табоҳии ҳол аз кунҷи хона берун нашудан ё аз шарм пироҳани даридаи худро пеши руфӯгар набурданашро баён месозад, дар ин аҳволи зиндагии ӯ таҷассуми рӯзгори бенавоёнаи халқи оддиро мебинем. Шоир дар арзи аҳволи худ чун яке аз бечорагон ҳасби ҳол менамояд, чун шикоятҳои онҳо аз сахтиву машаққатҳои рӯзгор садо медиҳад. Бинобар ин метавон гуфт, ки дар образи ӯ ба тарзи объективӣ намояндаи халқи оддии меҳнаткаш ва зиндагии бенавоёнаи ӯ таҷассум гардидааст. Дар ин образ симои мардуми тирарӯзи бенаворо мебинем. Зиндагии фақиронаи қаҳрамони лирикӣ ва аҳволи зиндагии ӯ симои ҳақиқатан халқӣ дорад, чун як нафаре аз халқи оддии қашшоқу бенаво падидор мегардад. Сайидо бо зиндагии «ман»–и худ бо мардуми сияҳбахти тирарӯз ҳамтақдир мебошад. Қаҳрамони лирикии Сайидо образи бадеии ҳамон инсони бечораву бенаво ва мискину мустаманд аст, ки шоир дар эҷодиёташ ба ҳимояи ӯ бархоста, гуманизми бечоранавозии худро пурра ба таъзим ва дилёбиву хотирҷӯии ӯ нигаронидааст.

Аз ин ҷо аз ҳасби ҳоли Сайидо пеш аз ҳама мақоми ҷамъиятӣ ва нисбати табақавии қаҳрамони лирикии ӯ таъин мегардад. Таҳқиқи ин мавзӯи ғазалиёти Сайидо мансубияти пурраи шахси шоир ва қаҳрамони лирикии ӯро ба халқи оддии меҳнаткаш собит менамояд. Қаҳрамони лирики Сайидо бо тамоми сифату нишонаҳои иҷтимоӣ – табақавиаш, яъне қашшоқиву мӯҳтоҷӣ, тирабахтиву тирарӯзӣ, парешонҳоливу нокомӣ, гуруснагиву урёнӣ ва амсоли инҳо ба

бенавотарин табақаҳои ҷамъияти асрҳои миёна мансуб мебошад. Вай образи ҷомеи мардуми камбағалу бенавост.

Чунин қаҳрамони лирикӣ, ба назари мо, дар ғазали асри XVIIтоҷик образи типи нав аст. Дар таърихи ин жанр то асри мазкур асосан типи қаҳрамони лирикии ринди беқайду бетааллуқ ва озодаманиш маълуму машҳур буд. Агарчи қаҳрамони лирикии ринд низ ғолибон инсони бебизоат аст, вале одами муқаррарии рӯзгорӣ нест. Вай бо бебокӣ ва беқайдиву бетааллуқии худ нисбат ба ҳаёт ва ҷамъият бештар характери романтикӣ дорад. Ринди озодиҷӯ расму одатҳои иҷтимоӣ ва аҳкоми шариатро пушти по зада, бар воқеияти реалӣ бартарӣ меҷӯяд. Аммо қаҳрамони лирикии Сайидо инсони оддии камбағалу бенавост, ки дар зери машаққати зиндагӣ мондааст. Ринд гурезон аз ғами дунёву ғуссаи рӯзгор буда, айшу нӯш ва беғамиро шиори зиндагии худ қарор додааст, ҳол он ки қаҳрамони лирикии Сайидо ғамзадаи рӯзгор мебошад.

Қаҳрамони лирикие, ки инсони оддии камбағалу бенаворо таҷассумнамудааст, ба назари мо, ба таври мушаххас дар ғазали асри XVII арзи вуҷуд кардааст. Зуҳури он, албатта, бо иштироки намояндагони табақаҳои поин ва меҳнатии ҷомеа дар адабиёт бемуносибат нест. Сайидо барин шоироне, ки аз байни халқи оддии меҳнатӣ сабзида баромада, ҳам бо зиндагӣ ва ҳам бо эҷодиёташон бештар бо табақаҳои поини ҷамъиятӣ вобаста буданд, дар образи "ман"–и лирикӣ зиндагии муҳити иҷтимоии худро акс намудаанд. Аз ин ҷост, ки "ман"–и лирики онҳо ҳамчун намояндаи типии халқи меҳнаткаш, ҳамчун инсони қашшоқу бенаво, чунон ки дидем, дар образи «арбоби карам» ё «аҳли дунё» яъне соҳибони сарвату давлат ба

куллӣ муқобил меистад. Аз ин рӯ арзи вуҷуд кардани типи мазкури қаҳрамони лирикӣ дар ашъори Сайидо на танҳо бо вазъияти душвори зиндагии аҳли адаб, балки бо қашшоқиву бенавоии умумии оммаи халқ дар ин давр алоқаманд мебошад.

Ба майдони адабиёт бештар ворид шудани намояндагони табақаҳои бенавои аҳолӣ боиси дар ғазал инъикос ёфтани тангии маишат, ҳаёти талхи қашшоқона, кулфату машаққати рӯзгор, ранҷу азоби ҷустуҷӯву ба даст овардани порчаи нон ва нолаву фиғони онҳо аз ин душвориҳо зиндаги гардидааст. Қаҳрамони лирики берӯзии ғазалиёти Сайидо ки зиндагии бенавоёнаи шоирон ва умуман оммаи халқро таҷассум менамояд, аз тангдастиву бебаргӣ ва талхии рӯзгори худ фарёду нола мекунад. Вай аз ҷафои маҳбуба не, аз машаққатҳои тоқатшикани зиндагӣ ба дод омадааст.

Дар лирика вазъияти ногувори рӯзгори худро баён намудани қаҳрамони лирики тирарӯз ба дараҷае маъмул гардид, ки ӯ ҳатто дар мавриди ифодаи эҳсосоти ошиқона ва муносибаташ бо маҳбуба низ аз камбағаливу бенавоии хеш сухан мерондагӣ шуд.

Сайидо дар ҳамин маънӣ гуфтааст:

Дар бахми гулрухони чаман чун кунем ҷой!
Моро чу ғунча кисаи пурзар надодаанд.

Умуман Сайидо дар ғазалиёташ аз безариву бепулии худ бисёр ҳарф задаст. Аз бебаргиву бенавоӣ ва надоштани «мушти зар» дар байни мардум ба иззату обрӯ соҳиб шуда натавонистани худ сухан рондани Сайидо гузашта аз шикояти аҳли адаб аз беқадрии соҳибҳунар дар ҷамъияти феодалӣ далели равшани дар образи

шоирон инъикос гардидани инсони муфлису бенаво аз табақаҳои «поин»–и ҷомеа низ мебошад.

Ба лирика ворид шудани мавзӯи шикоят аз муфлисӣ ва бепуливу безарӣ, монанди шикоят аз камбағаливу тангайшӣ, натиҷаи ба майдони адабиёт омадани намояндагони халқи оддии бенаво буд. Қаҳрамони лирики шоирони ин давр на танҳо тангдасту афтодаҳол, балки инсони «хурд»–и беқадру беэътиборест, ки ба сабаби муфлисиву безарӣ дар ҷамъият мақоме ва миёни мардум иззату обрӯе надорад.

Ба ин тариқ, Сайидо ва баъзе дигар шоирони ин давр дар симои қаҳрамони лирики худ инсони «хурд»–ро ба лирика ворид кардаанд. Ин инсони «хурд»–и муфлис ва ҳақиру залил на танҳо ба дараҷаи маълум шахсияти хори санъаткори суханро таҷассум менамояд, балки образи ҷомеи умуман мардуми бенаво мебошад.

Ба муносибати ширкати намояндагони табақаҳои бенавои аҳолии шаҳр дар ҳаёти адабӣ ва ба инъикоси зиндагии пурмашаққати мардуми бечора таваҷҷӯҳ намудани лирика дар ғазалиёти Сайидо мавзӯи «лаби нон» ё «ними нон» хеле маъмул гардидаст. Шоир ранҷу азоби зиндагӣ ва машаққатҳои беандозаи худро барои касби маош ба воситаи мавзӯи «лаби нон» баён намудааст. Қаҳрамони лирики берӯзии онҳо бо сад машаққат «лаби ноне» ба даст меорад:

Шуд даҳонам хушк, то омад дами обе ба чашм,
То лаби ноне ба даст афтод, дандонҳо фитод.

Хосияти реалистии қаҳрамони лирики Сайидоро саъю кӯшиши ӯ баҳри «ним нон» ва пайдо кардани рӯзӣ муайян мекунад. Қаҳрамони лирики ин шоир барои таҳсили рӯзи саъю тараддуд ва рафту омади

бисёр ба даргоҳи арбоби давлат кардааст. («Бар дари арбоби давлат саъй чандон кардаам – Даст аз худ рафтаву кафшам зи по афтодааст»). Бояд гуфт, ки изҳороти пайвастаи Сайидоро оиди саъю тараддудҳояш ба дари арбоби давлат барои касби маош на ба шахси шоир, балки фақат ба қаҳрамони лирикии ӯ нисбат дода метавонем. Зеро мувофиқи маълумоти манбаъҳо ва тадқиқот Сайидо бинобар қаноатпешагӣ аз ҳуҷраи худ ба хонаи умаро ва ба дари подшоҳ тараддуд накардааст.

Қаҳрамони лирики Сайидо бо хислати кӯшоӣ ва талоши доимии худ барои зиндагӣ имтиёз дорад. Вай ҳамеша дар тараддуду такопӯи зиндагӣ ва кӯшишу ҷадали ба даст овардани ризқу рӯзист, Сайидо калимаи «тараддуд»–ро на ба маънии маҷозӣ – тасаввуфии фикру зикри худо, балки ба маънии аслии дунявиаш, яъне кӯшишу ҷадали одамӣ барои зиндагӣ кор фармудааст:

Мурғи кабоб рӯзии соҳибтараддуд аст,
Дар хона анкабут шикори магас кунад.

Сайидо ғояи раҳоӣ аз мӯҳтоҷиву бенавоӣ тавассути саъю кӯшиш, бо талошу ҷадал беҳтару осудатар сохтани зиндагиро тарғиб намудааст.

Устухони хушк бе ташвиш кай ояд ба даст?
Аз паи рӯзӣ магар табъи гадо осуда аст?

Саъю кӯшиш баҳри зиндагӣ ва тараддуд барои пайдо кардани рӯзӣ аз оҳангҳои асосии ғазалиёти Сайидо мебошад. Ба воситаи ин оҳанг дар лирика кӯшишу ҳаракати инсони зиндаву воқеӣ ва рӯзгорӣ барои зиндагӣ ифодаи худро ёфтааст. Ин оҳанги ҳаётии ғазалиёти

Сайидо ба мардуми бечораву бенаво нигаронида шуда, талошу ҷадали ӯро барои пайдо кардани рӯзӣ ифода менамояд.

Тараннуми кӯшишу ғайрат барои зиндагӣ ва даъват ба касби рӯзиву маош дар ғазалҳои Сайидо аз мавқеи эҷодии ҳаётдӯстонаи ӯ сар задааст. Сайидо инсонро ба саъю кӯшиш ва фаъолият даъват менамояд. Қаҳрамони лирики ӯ низ инсони фаъол ва ҳаётдӯстест, ки назараш ба зиндагӣ ба ақидаи маъмули асримиёнагӣ оиди азалияти қисмати одамӣ ва вобастагии рӯзии ӯ бо сарнавишт ба куллӣ муқобил меистад. Ақидаи мазкур рӯзии инсонро ба қисмат ҳавола карда, ӯро аз фаъолият ва саъю кӯшиш бозмедошт. Вале Сайидо баръакси ин мӯътақид аст, ки бе саъю кӯшиш ҳосил кардани ризқ имкон надорад. («Бе гуфтугӯ ризқ муҳайё намешавад – Ин қуфл бе забони талаб во намешавад»). Шоир таъкид мекунад, ки ҳосил шудани муроди одам «аз осмон» низ ба кӯшишу ғайрати худи ӯ вобаста аст. («Мурод аз осмон дархӯрди кӯшиш мешавад ҳосил»). Сайидо инсони бенасибро ба тан нанодан ба бенавоӣ, ҷаҳду «зӯрозмоӣ» барои халосӣ аз чанголи қашшоқӣ даъват менамояд.

Макун аз баҳри рӯзӣ пешаи худ бенавоиро,
Бинеҳ чун Кӯҳкан бар дасти худ зӯрозмоиро.

Сайидо дар ин ҷо дар ташвиқи кӯшишу ҳаракат баҳри беҳбудии зиндагӣ ба мардуми камбағал рӯ оварда, таъкид намудааст, ки бо зӯри дасти худаш аз бенавоӣ раҳо ёбад. Дар талқини ин фикр ва бо зӯри даст беҳтар кардани зиндагӣ шоир дар бисёр мавридҳо ба образи Фарҳоди кӯҳкан, ки тимсоли мардуми меҳнаткаш ва қаҳрамони маҳбуби халқ аст, муроҷиат намудааст. Сайидо ба чунин инсони ҳаётии кӯшое бо хусни таваҷҷӯҳ менигарад, ки дар касби рӯзӣ

Фарҳодвор ба «зӯри даст»–и худ такя дорад. («Рӯзии худ аз замину осмон гирад ба зӯр – Сахтрӯ ҳар кас чу санги осиё афтодааст»).

Худи «ман»–и лирики Сайидо низ чунин инсони ҳаётии кӯшост. Вай орзуву ҳаваси зиндагӣ дорад, дар дилаш хоҳишу таманноҳо ҷӯш мезананд. Барои расидан ба ин орзуву таманноҳои худ вай дар кӯи талаб саргардон аст, ҳамеша дар тараддуду такопӯ баҳри қонеъ гардондани эҳтиёҷоти зиндагист:

Маро то кай давонад орзуи дил ба ҳар сӯе?
Мабодо ҳеҷ касро дар ҷаҳон фарзанди бадхӯе!

Сайидо ҳатто дар дами пирӣ аз чунин саъю тараддудҳо баҳри рӯзӣ фориғ набуд. («Баҳри ризқ дар пирӣ мекунам тараддудҳо – Бар чӣ гуна хоҳад шуд, кишти бемаҳал дорам»).

Қаҳрамони лирикии Сайидо баҳри рӯзии худ ва дигарон орому қарор надорад, ҳамеша дар кору амал ва ҳаракату ҷадал аст:

Ҳамчу осиё бо ман нест як дам оромӣ,
Баҳри рӯзии мардум рӯзу шаб ҷадал дорам.

Сайидо орзуву хоҳишҳои ҳаётӣ ва саъю тараддудҳои худро барои касби маоши зиндагӣ «ҳирсу тамаъ» маънидод намуда бошад ҳам онро як хислати табиии одамизод ҳисоб кардааст. Сайидо мегӯяд:

Нестанд аз орзу холӣ Сулаймон то ба мӯр,
Ҳеҷ кас аз худ тамаъро дур натвонист кард.

Ҳамин маъниро дар шеъри дигар низ такрор карда мегӯяд, ки дар зиндагӣ ҳеҷ кас аз тамаъ дур нест («Набошад ҳеҷ кас дар қасри ҳастӣ аз тамаъ холӣ»).

Чунон ки мебинем, Сайидо талаби рӯзӣ ва зарурати таъмини эҳтиёҷи зиндагиро гоҳо орзуву ҳавасу хоҳишу таманнои табии инсон ва гоҳе ҳирсу тамаъ таъбир намудааст. Дар ин таъбирот мафҳумҳои мазкур чун муродифҳои якдигар омада, ҳамин як маънӣ – касби маоши зиндагиро ифода мекунанд. Агарчи Сайидо аз мавқеи фаҳмиши анъанавии «ҳирсу тамаъ» чун хислатҳои мардуди инсон ин ду мафҳумро умуман ба маънии манфӣ кор фармуда бошад ҳам, вале аз тарафи дигар онҳоро аз талаботи зиндагии инсонӣ дониста, беистисно ба ҳар як одам нисбат медиҳад. Чунин фаҳмиши реалистии ҳирсу тамаъ аз фаҳмиши назариявии яктарафа ва сирф манфии хислатҳои мазкури инсонӣ фарқи ҷиддӣ дорад. Ин фаҳмиши ҳирсу тамаъ аз нуқтаи назари инсони зиндаи ҳаётӣ ва ба эътибори зиндагии воқеии ӯст. Шоир дар фаҳмиши реалистии ҳирсу тамаи инсон зарурати таъмини эҳтиёҷи зиндагии ӯро ба эътибор гирифтааст. Аз ин ҷост, ки ӯ миёни ҳирсу тамаъ ва орзуву ҳавасҳои муқаррарии рӯзгории инсон фарқу ҳудуде нагузошта, ин калимаҳоро чун муродифҳои якдигар ба кор бурдааст.

Аз ин гуфтаҳо чунин хулоса намебарояд, ки Сайидо шахсан тамаъкору ҳарис бошад. Сайидо дар назари ҳамзамонон бо қаноаткорӣ ва ҳоҷат набурдан ба арбоби давлат шӯҳрат дошт.

Чунин худмаҳкумкунӣ ба ҳирсу тамаъ дар ғазалҳои Сайидо аз оҳангҳои асосӣ гардидаанд. Ин оҳанг аз нуқтаи назари қаноаткорист, ки дар назари ҳамзамонон сифати баланди ахлоқӣ буда, ғояи он осори шоирон, аз ҷумла ғазалиёти Сайидоро фаро гирифтааст.

Вале қаҳрамони лирики шоир барои таҳсили рӯзӣ ва «лаби нон» дар ба дари арбоби давлат гашта бошад ҳам, ғайр аз пушаймониву «рӯйзардӣ» чизе наёфтааст.

Ин ҳол дар рӯҳияи ӯ тағйироте падид оварда, ӯро ба тарки орзуву ҳавасҳои инсонӣ ва гӯшагириву қаноат водор менамуд.

Дар рӯҳияи Сайидо умуман кашмакаши байни орзуву ҳаваси зиндагӣ ва тарки он, «ҳирсу тамаъ» ва қаноат, тараддуду кӯшиш ва гӯшанишинӣ ба таври хеле табиӣ ифода гардидааст.

Бо таъсири нокомиҳо дар зиндагӣ муносибат ва нуқтаи назари шоир ба ҳаёт ба куллӣ дигаргун шудааст, дар шеърҳояш оҳангҳое пайдо шудаанд, ки тамоман баръакси он дилбастагиҳо ба зиндагӣ садо медиҳанд. Вай аҳд кардааст, ки аз кӯшишу тараддудҳо даст кашида, аҳли «таваккул» гардад ва рӯзии худро ба худо ҳавола намояд:

Аз тараддуд по ба доман мекашам меҳробвор,
Панҷае дар панҷаи аҳли таваккул мезанам.

Шоире, ки ба воситаи кӯшишу тараддуд ба даст овардани ризқу рӯзиро ташвиқ менамуд, акнун худро бовар кунонданӣ мешавад, ки рӯзии одами соҳибтаваккул бетараддуд ҳам худ аз худ аз осмон мерасад:

Рӯзии соҳибтаваккул мерасад аз осмон,
Аз тараддуд санги зери осиё осудааст.

Сайидо бар хилофи ақидаи бо кӯшишу «зӯрозмоӣ» таъмин кардани зиндагӣ акнун ғояи қаноатро пеш ронда, ризқу рӯзии худро аз «олами боло» ҷустуҷӯ мекунад. («Расад ҳангоми ҳоҷат рӯзияш аз олами боло – Даҳони хеш ҳар кас аз талаб ҳамчун садаф бандад»).

Сайидо аҳд кардааст, ки дар кунҷи қаноат нишаста, аз «кундаи зону»–и худ ба пояш банд ниҳад, то орзуву ҳаваси зиндагӣ ӯро ба дари мардум набарад:

То насозад орзу таклиф бар ҳар дар маро,
Бандҳо аз кундаи зону ниҳам бар пои хеш.

Сайидо хостааст ризқи худро ба сарнавишт ҳавола карда, ба ин тариқ аз рӯйзардиву ҳиҷолати «тамаъи ним нон» берун ояд. Агар Сайидо дар як маврид аз бечорагиву ниёзмандӣ дар ҳиҷолат ва сарафканда бошад, дар мавриди дигар худро талқин менамояд, ки ба иллати гуруснагӣ («фоқа») хиҷил нагардад, сарбаланду сарафроз бошад. Дар сурате ки қаҳрамони лирики ӯ гоҳе аз табоҳии ҳолаш ба кӯча баромада наметавонад, гоҳи дигар азм кардааст, ки агар аз хона берун барояд, худро ба чашми мардум сарафроз гирад:

Чун қаҳрабо макун ба тамаъ рӯи хеш зард,
Дар базми майкашон чу равӣ, бодаранг бош.
Ҳамчун камон зи фоқа сари худ масоз хам,
Берун агар зи хона байрой, ҳаданг бош.
Эй Сайидо, зи сурати девор кам най,
Як ҷо нишину соҳиби номусу нанг бош.

Монанди ҳамин шоир агар аз як тараф бо нишастан дар кунҷи хона худ аз худ муҳайё шудани ризқу рӯзиро таъкид карда бошад («Рӯзӣ насиби кас зи нишастан намешавад – Бояд чу осиё зи паи обу дона рафт»), аз тарафи дигар акси инро исрор намудааст.

Ба ин тариқ, шоир дар як маврид ҷӯёи ризқу рӯзӣ ва инсони фаъоли рӯзгорист, аммо дар мавриди дигар аз тараддуду кӯшишҳои

зиндагӣ даргузашта, мутеи сарнавишт ва ризқи осмонӣ гардидааст, гоҳе орзуву ҳавас ва шавқи зиндагӣ, гоҳи дигар қаноаткорию гӯшагириро тарғиб намудааст ва ҳоказо. Ҳамаи ин гӯё аз зиддияту ихтилофи орову андешаҳои ӯ шаҳодат медиҳад. Вале ашъори лирикиро на ҳамчун системаи фикру андешаҳо, балки ҳамчун ифодагари рӯҳияи инсон бояд фаҳмид. Дар ин сурат он ҳама зиддияти ғоявии ғазалҳои Сайидо як амри табиӣ шуда мемонад. Азбаски лирика рӯҳияи инсонро инъикос менамояд, табиист, ки дар он дигаргуниҳо ва тағйироти авзои рӯҳӣ низ ифода мегардад. Аз як шеър то шеъри дигар тағйир ёфтани ақидаву андешаҳои шоир, аз як фикр ба фикри хилофи он гузаштани ӯ зуҳуроти табаддулоти диалектики рӯҳи инсон дар асоси таҷрибаи зиндагӣ мебошад. Зиддияту ихтилофоти афкори шоири лирик тағайюроту дигаргуниҳои реалии эҳсосот ва авзои рӯҳии ӯро нишон медиҳад. Нишебу фарозҳои орзумандӣ ва нокомиҳои шоир дар зиндагӣ рӯҳияи ӯро ба як тарзи табиӣ аз як ҳолат ба ҳолати дигар гардонидаанд, ки ин дар навбати худ боиси табаддулоти фикрии ӯ гаштаваст.

Андешаву тафаккури Сайидо аз он сабаб дар тағйиру табаддулот аст, ки ба динамикаи рӯҳи инсони рӯзгорӣ такя дорад. Вай аз таҷрибаи ҳаёти инсони рӯзгорӣ сарчашма мегирад ва бевосита ба таассуроти реалӣ вобаста мебошад.

Таҳаввулоти фикрии Сайидо ҳодисае нест, ки дар як давраи муайяни зиндагиаш чун гардиши куллии ҷаҳонбинӣ ва тарзи зиндагии ӯ содир шуда бошад. Вай натиҷаи аз зиндагӣ алоқаи худро канда, ба тариқат рӯ овардани шоир ва ба гӯшаи узлат рафтани ӯ нест. Ба ин маънӣ аз ҷумла ғояҳои мутақобили тараддуду кӯшиш ва таваккулро

чун маҳсули ду давраи ба ҳам зидди ҳаёти шоир тасаввур кардан дуруст нест. Дуруст аст, ки ғояи таваккул ва қаноатпешагӣ дар шеърҳои айёми гӯшанишинӣ ва пирӣ навиштаи Сайидо нисбатан бештар мушоҳида мешавад. Аммо ин чунин маънӣ надорад, ки вай пештар, яъне дар ҷавонӣ аз ин андеша дур буда, ё баръакс дар замони пирӣ андешаи зиндагӣ ва тараддуду кӯшишро тарк гуфта бошад. Чунончи байти поин собит мекунад, ки шоир дар дами пирӣ низ орзуву ҳаваси зиндагиро парвардааст:

Сайидо, дил кандан аз дунё ба пирӣ мушкил аст,
Фикри гардидан ба атрофи чаман дорам ҳанӯз.

Ҳамин тариқа, тағйироти фикрии Сайидо маҳсули гардишҳои муқаррарии ҳолатҳои рӯҳии шоир, талошу мубоизаи байни орзуву ҳавас ва қаноатандешии ӯст. Дар ин талошу мубориза, ки онро худи шоир «моҷаро» таъбир («Моро ба нафси саркаш имрӯз моҷароест»), гоҳ андешаи қаноат ва қатъи алоқа бо «аҳли дунё» ғолиб омадааст, гоҳ орзуву ҳавас ва иштиёқи зиндагӣ боло гирифтааст.

## ХУЛОСАИ БОБИ ДУЮМ

Сайидо дар эътирозот ва муборизаи худ бар зидди аҳли ҷоҳу сарват ба манфиати меҳнатӣ баромад кардааст, нафрати беинтиҳои халқи мазлуму ҷафокашро нисбати золимон ифода намудааст. Аз ин рӯ, метавон хулоса гирифт, ки Сайидо гузашта аз образи «ман»–и лирикӣ ва аҳволи зиндагии дар ғазалҳояш тасвир намудаи худ дар мафкураву ҷаҳонбинӣ низ ба халқи оддӣ алоқаманд аст. Муносибат ва назари Сайидо ба аҳли ҷоҳу сарват, ба қавли худи шоир, гурӯҳи «болонишин»–и ҷомеа – ин муносибати «поиннишинон» ба «болонишинон» мебошад.

Дар ғазалиёти Сайидо ҳимояи манфиатҳои халқи мазлум бо роҳи танқиди фошкунандаи арбоби замон сурат гирифтааст.

Сайидо дар ғазалиёташ «ман»–и худро чун як нафар аз халқи оддии бенаво ба гурӯҳҳои «болонишинон» муқобил гузоштааст. Дар ин ғазалҳо аз як тараф образи шоири муфлис ва мардуми қашшоқу бенаво, аз тарафи дигар образи дунёдорон ва арбоби ҷоҳу сарват ба ҳам муқобил меистанд.

Дар асоси қиёми танқидии Сайидо ба муқобили аҳли ҷоҳ мазаммати бемурувватии ин гурӯҳ меистад. Шоир пайваста аз бемурувватии давлатмандон нисбати мардуми бенаво сухан рондааст.

Мазаммати бемурувватии арбоби ҷоҳу сарват ба воситаи танқиди ҳунаршиносии ин тоифа дар ғазалҳои Сайидо давом ва такмилу инкишоф ёфтааст. Сайидо ин мавзӯъро бо таъбири «ҳунарношиносии айём» низ гузориш медиҳад. Аммо дар зери ин мафҳум шоир албатта иллати ҳунарношиносӣ ва соҳибони ҳунари суханвариро қадр накардани арбоби замонро дар назар дорад.

Сайидо дар бештарин мавридҳо аз номи умуми сухансароёни давр аз ҳунарношиносии бузургони аср арзи шикоят ва норизоӣ намудааст. Зеро ҳамқаламони ӯ низ дар хорию сахтӣ зиндагӣ ва эҷод мекарданд.

# БОБИ III
# НАВОЗИШИ БЕЧОРАГОН ВА САРЗАНИШИ САРВАТМАНДОН ДАР ЛИРИКАИ САЙИДО

Дар ғазалҳои Сайидо боз як мавзӯи фавқулодда муҳиме, ки дар осори ин жанри эҷодиёти шоир доман паҳн карда, таҳаввулоти онро дар риштаи мазмуни ғоявӣ ба вуҷуд овардааст, инсонпарварии бечоранавозӣ ва сарзаниши аҳли ҷоҳу сарват мебошад. Ин ду мавзӯъ чунон ки хоҳем дид, дар ғазалҳои Сайидо бо ҳам алоқаи маънавию мантиқӣ доранд. Барои исботи ин фикр аввало мавзӯи муносибати шоирро ба аҳли ҷоҳу сарват, аниқтараш сарзаниши ин тоифа дар бемурувватӣ нисбати дармондагону бенавоён аз назар мегузаронем.

Танқиду мазаммати табақаи ҳоким дар ғазалиёти Сайидо фақат дар гузориши доимии он нест. Ин мавзӯъ бо тавсиа ва густариши худ низ дар бисёр ғазалҳои шоир характернок мебошад. Дар ғазали бисёрмавзӯи Сайидо агар ба мавзӯъҳои дигар маъмулан як ё ду байт ҷудо карда шуда бошад, мавзӯи танқиди давлатдорон дар бисёр мавридҳо чандин байтро фаро гирифтааст. Сайидо ҳатто бисёр ғазалҳое низ дорад, ки саросар ё асосан ба ҳамин мавзӯъ бахшида шудаанд. Ин ҳол тасодуфӣ нест. Изҳори норизоию эътироз нисбат ба аҳли ҷоҳ аз он масъалаҳои иҷтимоиест, ки дили Сайидоро бештар ба дард оварда, бинобар ин дар маркази эҷодиёти ӯ қарор гирифтааст. Ғами Сайидо бештар аз иллатҳои иҷтимоии замон ва сифлагию ноаслии соҳибони давлат аст. Ҳиссиёти шоир аз ин ғам лабрез аст. Бинобар ин табиист, ки вай дар бисёр ғазалҳояш ба ифодаи ин ҳиссиёт бештар дода шудааст.

Оре, аз масъалаҳои иҷтимоии рӯзгор Сайидоро маҳкуму сарзаниши «аҳли ҷоҳ» бештар ҷалб карда ва ба мароми эҷодии ӯ табдил ёфта, дар маркази афкори иҷтимоии вай қарор гирифтааст.

Мавзӯи мазкур ба ин мунтазамӣ ва бо ин вусъату тезу тундие, ки дар ғазалиёти ин шоири мубориз дида мешавад, дар эҷодиёти ягон шоири дигар акс наёфта буд. Сайидо ғазалро ба воситаи эътироз ва мубориза ба муқобили табақаи ҳукмрони ҷомеа табдил додааст. Ин ҳол асоси иҷтимоӣ ва ҳаётии мундариҷаи ғоявии ғазалро ба дараҷаи мислаш дида нашуда пуқувват гардонда, алоқаи онро бо ҳаёти ҷомеа ва масъалаҳои иҷтимоии рӯзгор мустаҳкам кард. Ғазалиёти Сайидо асосан ба ҳамин восита аз ғазалиёти шоирони дигар имтиёз ёфта, аҳамият ва арзиши бештари иҷтимоӣ пайдо кардааст. Ғазали Сайидоро ба ҷуз нишонаҳои махсуси услубиаш бо ҳамин имтиёз ва фарқи мундариҷаи ғоявии он аз ғазалҳои ҳар як шоири дигар ба осонӣ фарқ кардан мумкин аст. Яке аз мушаххасоти барҷастаи ғазалиёти ин шоир садои буррои эътирозии иҷтимоӣ пайдо кардан ва маҳз ба муқобили табақаи ҳоким нигаронида шудани ин эътироз мебошад. Бемуболиға метавон гуфт, ки дар таърихи адабиёти мо шоире ба дараҷаи Сайидо садои эътирози худро ба муқобили давлатдорон баланд накарда ва ба шиддати сухани ӯ бар зидди ин табақа қиём нанамудааст.

Танқиди доимии аҳли ҷоҳу давлат ва маҳкуми ситаму истибдоди онҳо нисбат ба халқи мазлум Сайидоро дар назари хонанда чун шоири муборизи зидди синфи ҳукмрон ҷилвагар месозад. Сайидо дар ин эътирозоти иҷтимоӣ ва муборизаҳои худ бар зидди табақаи ҳукмрони асраш аз мавқеи мардуми оддии меҳнатӣ баромад кардааст, нафрати

беинтиҳои халқи мазлумро нисбат ба золимони истисморгар ифода намудааст. Вай чун ҳамдаму ҳамнафас ва мафкурабардори табақаи поини меҳнатии ҷомеаи шаҳр қиём намудааст. Ба ин маънӣ, яъне аз нуқтаи назари мarому мақсади ғоявии эҷодиёти худ низ Сайидо сухансарои ҳақиқатан халқист.

Ҳамин тавр, Сайидо чунон ки хоҳем дид гузашта аз образи лирикӣ ва тарзи зиндагии дар ғазалиёташ аз акс намудаи худ ба халқи оддӣ нисбат дорад, балки инчунин дар мафкура ва ҷаҳонбинӣ ҳам бо ӯ ҳамраъю ҳамсадо гардидааст. Ин ҳол табиист, зеро Сайидо бо баромади иҷтимоии худ ба халқи оддӣ мансуб буда, бевосита эътирозу норозигӣ ва нафрату ғазаби ӯро нисбат ба синфи ҳоким ифода намудааст. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки дар шеъри ӯ худи халқи меҳнаткаш ба забони ҳол омада, нафрату ғазаби худро нисбат ба ҳукуматдорон ва аҳли сарват баён намудааст. Дар ин маврид низ «ман»–и шоир, хоҳ аз номи худаш гап занад, хоҳ аз номи «мо»–и умум, таҷассуму тимсоли халқ аст. Муносибати Сайидо ба аҳлу ҷоҳу сарват – ин суносибати табақаи поин ба табақаи боло, нуқтаи назари мардуми оддии меҳнаткаш ба гурӯҳҳои «болонишин»–и муфтхӯру истисморгар мебошад. Сайидо дар муносибати худ ба «дунёдорон» ба тарзи объективӣ рӯҳияи табақаи иҷтимоии худашро оид ба табақаи «болонишин» ифода намудааст. Аз ҳамин руҳия аст, ки гуфтори ӯ оид ба табақаи мазкур бисёр тезу тунрд ва бурро садо медиҳад. Аз шоирони классики форс – тоҷик камтар касе ба ин сахтӣ ва бурроӣ бар зидди синфи ҳоким шӯридааст.

Сайидо аз қабили он суханварон нест, ки ба панду насиҳати ҳукуматдорон машғул шуда, онҳоро ба риояи хотири халқи мазлум

даъват намудаанд. Дар эҷодиёти ӯ ҳимояи манфитҳои халқи мазлум на ба воситаи панду насиҳати бенатиҷа ва ба роҳи мардумию раиятпарварӣ, муруввату некӯкорӣ хондани давлатдорон, балки бо роҳи танқиди фошкунанда ва беамони онҳо сурат гирифтааст. Шоире, ки дар мавқеи табақаҳои меҳнатӣ истода, ҷаҳонбинӣ ва рӯҳияи онҳоро ифода менамуд, аслан наметавонист ба одамият ва адлу инсофи соҳибони давлат умед баста, ба панду насиҳати онон машғул гардад. Зеро Сайидо на танҳо ба одамият ва адлу инсофи аҳли ҷоҳ бовар надошт, балки нокасӣ ва сифлагии ин тоифаро аз таҷрибаи муносибати худ бо онҳо нағз шинохта гирифта буд. Бинобар ин муносибати ӯ ба табақаи ҳукмрон муросокорона набуда, оштинопазир ва ошкоро мухолифатнок мебошад.

Дар натиҷаи эҳсосу идроки ҳамин таззоди сотсиалии ҷомеа шоир мардумро ба ду гурӯҳи иҷтимоии зидди якдигар – «болонишин» ва «поённишин» ҷудо кардааст. Барои тасдиқи ин маънӣ нахуст ба ғазали зерин муроҷиат мекунем, ки манзараи таззоди сотсиалии ҷомеаро аз дидгоҳи шоир ба таври барҷаста таҷассум намудааст:

Маро бар сар кулоҳ аз сояи боли ҳумо беҳтар,
Зи фарши махмалам дар зери паҳлу бур беҳтар.
Бувад занҷирҳо бар дар зи чинӣ ҷабҳаи ҳоҷиб,
Зи қасри зарнигори шоҳ маъвои гадо беҳтар.
Ба давлатхонаи аҳли «карам» раҳ нест соилро,
Аз ин дарҳо даҳони шеру коми ажаҳо беҳтар.
Зи оби гавҳари «дарёдилон» лаб тар намегардад,
Аз ин гулшансароён ташнаро мотамсаро беҳтар.

Ба аҳли фазл ҳаргиз нест дунёҷӯйиро коре,
Ба чашми ин хасисон аз зумуррад каҳрабо беҳтар.
Мурувват беш аз болонишин поённишин дорад,
Маро аз гардиши афлок санги осиё беҳтар,
Суханро нест пеши аҳли дунё, Сайидо, қадре,
Ба ин ноошнотабъон набудан ошно беҳтар.

Дар ин ғазал дунёи сарвату ҷоҳ ба бечорагию бенавоӣ, шоҳону дунёдорон якҷоя бо муҳити «давлатхона» ва зиндагии мӯҳташамона, бо қасри зарнигору фарши маҳмали худ ба мӯҳтоҷону соилон ва «ғамхона»–ю маъвои гадоёнаи онҳо зид гузошта шудаанд. Табиист, ки шоир чун худаш аҳли фазли «гӯшагир»–и бенаворо барҳақ ба ҳамин табақаи «поённишин» мансуб кардааст. Вай ба табақаи «болонишин» бо чашми мардуми «поённишин» нигоҳ карда, хасисию бемурувватӣ ва сифлагии онҳоро дарёфтааст. Умуман чӣ дараҷа манфӣ будани назари Сайидо нисбат ба гурӯҳҳои «болонишин» аз ғазали мазкур низ тамоман ошкор аст. Вақте ки шоир дару «давлатхона»–и аҳли ҷоҳро чун даҳони шеру коми аждаҳо мебинад, аз ин нафрати беинтиҳои ӯ нисбат ба ин тоифа баралоина ошкор аст. Шоир дар чанд мавриди дигар даргоҳу «давлатсаро»–и аҳли ҷоҳро ба хонаи занбӯр низ қиёс кардааст. Маънии ин муқоиса ҳамин аст, ки «давлатсаро»–и соҳибони ҷоҳ агарчи мисли хонаи занбӯр пур аз нӯши неъмат аст, вале аз он мардумро баҳрае нест: касе ки ба умеди нӯш ба «давлатсаро»–и онҳо меравад, ба ҷои нӯш неш мехӯрад:

Хонаи занбӯр шуд давлатсарои аҳли ҷоҳ,

Аз куҷо мо, талхкомонро, лабе ширин шавад.

Ё:

Шаҳд агар хоҳӣ, бирав дар хонаи занбӯр бош,

Нешҳо доранд дар пай соҳибони нӯшҳо.

Ҷолиби диққат аст, ки Сайидо худашро узви ҷудонашавандаи мардуми бенавои «талхком» ҳисоб карда, аз забони онҳо ҳарф задаст. Дар ин маврид низ «ман»–и ӯ бо «мо»–и халқ тавъам аст.

Дар маркази қиёми танқидии Сайидо ба муқобили аҳли ҷоҳ мазаммати бемурувватии ин табақа меистад. Дар эҷодиёти Сайидо мавқеи зиёд пайдо кардани танқиди хасисию бемурувватии аҳли ҷоҳ, албатта, як дараҷа бо масъалаи муносибати табақаи ҳукмрон ба аҳли фазлу адаб вобастагӣ дорад. Дар замони Сайидо аҳли фазлу адаб аз тарафи ҳукуматдорон ва арбоби ҷоҳ ҳимояту сарпарастӣ надидаанд Бесабаб нест, ки Сапйидо дар ғазали боло ва дар шеърҳои дигари худ монанди шоирони муосираш аз беқадрии сухан дар назди «дунёҷӯён» шикоят намудааст.

Бо вуҷуди ин танқиди бемурувватии «дунёдорон» дар ашъори Сайидо танҳо нуқтаи назар ва баҳои ӯро нисбат ба табақаи мазкур ифода намекунад. Ин танқид нуқтаи назари умумии табақаҳои поини ҷамъиятӣ, айбномаи тамоми мардуми бенавои шаҳр нисбат ба гурӯҳҳои «дунёдор»–у сарватманди ҷомеа мебошад. Сайидо аз ном ва аз забони умуми мардуми бенаво гурӯҳҳои сарватманди шаҳрро ба бемурувватӣ нисбат ба мӯҳтоҷон ва бегонагӣ аз ҷуду эҳсон барин хислати неки инсонӣ айбдор намудааст. Вай қариб ҳама ҷо аз

бемурувватии давлатмандон нисбат ба мардуми бенаво сухан рондааст. Шоир ин муносибати аҳли ҷоҳу сарватро ба мӯҳтоҷон ба воситаи образҳои тазззоди **мунъим ва гадо**, ба соилон хайре накардани сарватмандон ба шакли конкрети бадеӣ ифода намудааст. Хасисию мумсикии аҳли давлат, аз рӯи тасвири образноки шоир, ба дараҷаест, ки барои гадо аз онҳо нон ситонда хӯрдан баробари хоидани санги хора машаққат дорад:

Ба санги хора нони аҳли давлат мезанад паҳлӯ,
Гадо пайваста бо лабҳои хунолуд меояд.

Дар ҳамон ҷо боз мегӯяд:

Ҷафоҳое, ки аз дунёпарастон аст бар соил,
Куҷо бар ҳаққи Иброҳим аз Намрӯд меояд?

Овози соилон дар талаби хайру сахо ба гӯши мунъимон («сарбаландон») намерасад:

Сарбаландон ҳамчу сарв овози соил нашнаванд,
Кардаанд аз тавқи қумрӣ халқаҳо дар гӯшҳо.

Дар ин сатрҳо ва дар шеърҳои дигар манзури Сайидо аз соилу гадо фақат ҳамин гурӯҳи бесару пои аҳолии шаҳр нест. Дар забони шоир мафҳумҳои соил ва гадо маънии васеъ дошта чун образҳои ҷомеи мардуми қашшоқу бенаво омадаанд.

Сайидо дар ғазалиёташ чун як тан аз оммаи халқи бенаво намудор мегардад, ки бо тақозои зиндагӣ бо «сарбаландон»–и рӯзгор

сару кор пайдо карда ва ба даргоҳашон ҳоҷат бурда, ба ин восита хасисию бемурувватӣ ва дигар хислатҳои разилаи табақавии онҳоро хуб дарк кардааст. Ба ӯ аз ҷумла ин ҳақиқат аён гаштааст, ки мардуми тавонгару мунъим ҳар чӣ бештар молу сарват андӯзанд, ҳамон қадар хасису мумсиктар мешаванд:

Ҳар киро ганҷ диҳад рӯй гулрӯ танг шавад,
Мекашад ташналабиҳо садаф аз гавҳари хеш.

Шоир инчунин дуруст фаҳмидааст, ки тавонгарон мардуми кушодадаст нестанд, онҳо чӣ будани хайру сахоро намедонанд.

Доранд дар гиреҳ зари худ ғунчаҳои гул,
Ҳосил, ки дасти во ба тавонгар надодаанд.

Дар ҷои дигар шоир барои нишон додани бемурувватӣ ва бешафқатию сангдилии аҳли ҷоҳ муқоисаи бисёр мувафиқро овардааст: ба гуфти шоир, аз аҳли ҷоҳ чашм доштани мулоимат баробари аз осмон баръабас умеди некӣ доштан аст. («Ба аҳли ҷоҳ умеди мулоимат дур аст муроди кас набарояд зи осмон ҳаргиз»). Ин муқоиса аз ҳар ҷиҳат мувофиқи мақсад афтодааст: аввалан, шоир аз рӯйи ҳамон эҳсосу идроки иҷтимоии аҳли ҷоҳ чун табақаи «болонишин» онҳоро ба осмон шабоҳат додаст. Сонияи, ин ташбеҳ ба табақаи «боло» қуллан характеристикаи манфӣ медиҳад, зеро дар тасаввуроти асримиёнагӣ осмон (фалак) аз ҳар ҷиҳат ба инсон муқобил гузошта мешавад: вай на танҳо ба муроди одам намегардад, балки бераҳму шафқат, дуну сифла ва ғайра аст.

Байти зерин бо тасвири реалистии зиндагии маишии давлатмандон имтиёз дошта, гӯё лаҳзаҳои воқеиро аз «меҳмонӣ»–и шоир ба даргоҳи ин тоифа – гум шудани кафши ӯро дар хонаи «соҳибдавлат» акс намудааст. Сайидо бо тасвири ин ҷузъиёти маишӣ низ беҳамиятиву сифлагии «соҳибдавлатон»–ро нишон додааст:

Турфа соҳибдавлатон оварда даврон рӯи кор:
Суфра во нокарда, кафш аз пои меҳмон бурдаанд.

Чунон ки мебинем, Сайидо ва қаҳрамони лирики ӯ гоҳ чун гадову соил ва гоҳе ба сифати шахси ниёзманду мӯҳтоҷе меҳмони нохондаи «дастхушк» ба «давлатсаро»–и арбоби неъмат рафта, зиндагии пурҳашамат, вале пучу бемаънӣ, бемурувватӣ ва нокасию фурӯмоягии онҳоро мушоҳида кардааст. Ин «гадо»–и дар ва «меҳмони дастхушк»–и арбоби неъмат дар ин тоифа ба ҷои хислатҳои наҷиби инсонии муруввату саховате, ки бештар махсуси табақаҳои поини иҷтимоӣ буд, хасисиву бемурувватӣ, беҳамиятиву фурӯмоягӣ барин хислатҳои разиларо дидааст. Мушоҳидаи хислатҳои разилаи давлатмандон нафрату ғазаби шоирро нисбат ба ин тоифа зиёд кард. Аз ин рӯ вай ифшои пастию нокасӣ ва бемурувватии ин тоифаро мақсади эҷодии худ қарор дод. Вай ҳақиқатро дар бораи нокасии арбоби ҷоҳ фошофош баён намуда, онҳоро дар байни халқ беобрӯ ва расво мекард. Ғазали зерин ин нуқтаро собит мекунад:

Сарбаландони ҷаҳонро номи эҳсон асту бас,
Сарвро дар бӯстон қадди намоён асту бас.
Хонаи ин қавмро чун масҷиди одина дон,

Зинати қолину шаъни пешайвон асту бас.
Гар равӣ дар хонаи эшон пушаймон мехӯрӣ,
Хӯрданӣ дар хонаи эшон пушаймон асту бас.
Пора месозанд ҷайбат, чун тамаъ созӣ либос,
Ҳосили пӯшиданӣ чоки гиребон асту бас.
Маҷлиси «олӣ»–и эшонро тамошо карданист,
Косаи обеву гоҳе парчаи нон асту бас.
Нест фарқе дар миёни мурдагони ин гурӯҳ,
Имтиёзе гар бувад ин қавмро, ҷон асту бас.
Мехӯранд обеву мекованд дандон, гӯиё.
Хӯрдани эшон ҳамеша оби дандон асту бас.
Сайидо, дар хонаи аҳли «карам» аз обу ҷуд,
Гар бувад гуфтушуниде, манъи дарбон асту бас.

Дар ин ғазал низ зиндагии маишии мумсиконаи давлатмандон ҳақиқатнигорона тасвир шудааст. Бо чунин тасвир манзараи «меҳмондорӣ»–и мумсикона ва дастархони холии мунъимон пеши назар меояд: дар ин дастархон ғайр аз косаи об ва як порча нон дигар чизе нест, соҳибони хона худ ба хӯрдани об ва ковидани дандон машғуланд…

Мақсад аз тасвири чунин «меҳмондорӣ»–и аҳли ҷоҳ нишон додани ғояти муносибати мумсикона ва беҳимматии онҳо ба меҳмони «нолоиқ»–и ғайри табақаи худ мебошад. Сайидо, албатта, медонист, ки сарватмандон барои худашон дастархони пурнеъмат ороста, дар танҳоӣ ишрат мекунанд: «Танҳо кунанд ишрати айём аҳли ҷоҳ/Аз хум гирифтаанд, ба соғар надодаанд».

Сайидо дар ин ғазали боло дар асоси мушоҳидаи зиндагии маишии «бузургон» маҷлиси «олӣ»–и меҳмондории онҳоро ба тарзи ҳаҷвӣ нигоштааст. Вай бо тасвири дастархони холи бузургони сарватманд маҷлиси меҳмондории ба ном «олӣ», вале дар асл мумсиконаи онҳоро ба хонандагони худ, яъне ба мардуми бебизоати табақаҳои поини меҳнатӣ «тамошо» додааст. Мақсад аз ин намоиши ҳаҷвии маҷлиси меҳмондории мумсикона нишон додани нокасию фурӯмоягии тавонгарон, ботил гардондани тасаввуроти оид ба сахову карам ва эҳсони ин табақа мебошад. Зеро муруввату сахо ва эҳсону карам барин хислатҳои наҷиби инсониро нодуруст ба ҳамин табақа нисбат медодан ва шоирони маддоҳ низ бардурӯғ дасти бузургони неъматро "баҳри гавҳар" гӯён таъриф карда меомаданд ("Кафи дасти "каримон" баҳри гавҳар гуфтаанд, аммо / Намегардад гулӯи ташнае сероб аз обаш"). Вале Сайидо бо тасвири мумсикӣ ва бемурувватии бузургони замони худ нишон дод, ки дар байни ин тоифа эҳсону карам фақат ба ном боқӣ монда, дар асл аз ин хислатҳо дар онҳо нишонае вуҷуд надорад. "Дар боғ нахли хушк зи бодом мондааст/ Дар даҳр з–аҳли ҷуд ҳамин ном мондааст".

Бинобар ин вақте ки Сайидо соҳибони ҷоҳу сарватро бо унвонҳои "аҳли ҷуд", "арбоби ҷуд", "аҳли карам", "каримон" ва ғайра ёд мекунад, ин таъбирот ба маънии ҳақиқии сухан набуда, чун киноя ба табақаи мазкур фақат ба ном нисбат доштани оини ҷуду карам ба забон омадаанд. Аз ин рӯ таъбироти мазкурро ба маънии акс фаҳмидан ва дар "нохунак" навиштан ба асли мақсади шоир мувофиқ аст.

Сайидо давлатмандони рӯзгори худро куллан ба бемурувватӣ ва бегонагӣ аз расму оини хайру сахо айбдор кардааст. Бинобар гуфтаҳои шоир, дар айёми ӯ одами кариму соҳибэҳсоне ёфт намешуд, суннати эҳсону карам тамоман гум шуда, аз он ному нишон ва суроғе намонда буд: "Эй Сайидо, карам зи ҷаҳон бас ки гум шудаст/ Аз ҳеҷ кас умеди суроғе намондааст". Ин маҳкуми кулли табақаи ҳукмрон ба дурӣ аз суннати хайру сахо асоси ҳаётӣ дорад. Вай хулосаест, ки аз ҷустуҷӯҳои беҳудаи шоир барои пайдо кардани шахси карим ва харидори шеъру адаб ба миён омадааст.

Дунёдороне, ки Сайидо медид ва гоҳо аз рӯйи зарурат бо баъзе аз онҳо муомила ва нишасту хест мекард, ҳама ба сурат одам менамуданд, вале ба маънӣ фурӯмоя ва аз тариқи одамӣ фарсаххо дур буданд. "Ба ҳар ҷо меравам, ҷуз сурати одам намебинам".

Ба сабаби нафрату кароҳате ки ӯ нисбат ба ин нокасон дошт, ба хонаи онҳо рафтанро, ба таъбири худаш, баробари тай кардани "биёбони адам" пуразоб ҳис менамуд: "Аҳли дунё гар ба сӯйи хона таклифам кунанд/Қатъи раҳ кардан биёбони адам бошад маро". Вақте ки ба ҳузури "аҳли карам" меомад, хонаи онҳо ба назараш "боми зиндон" менамуд ("Боми зиндон хонаи аҳли карам бошад маро"). Сайидо фақат гоҳ – гоҳ ба хонаи аҳли ҷоҳ рафта бошад ҳам, ба муҳити барояш нафратангези даргохи онҳо тоқат карда наметавонист. Мушоҳидаи нокасию номардумии аҳли ҷоҳ ӯро ба ин қарор овард, ки безории худро аз ин тоифа ва дару даргоҳи онҳо ба таври қатъӣ эълон кунад:

Мезанам бар остони аҳли давлат пушти по,

То ба даст овардаам домони истиғнои хеш.

Нафрати Сайидо нисбат ба дунёдорон ба ҳадде расида буд, ки тоқати аз онҳо сухан гуфтану шунидан надошт. Вай ин фурӯмоягонро ҳатто лоиқи гуфтугӯ намедонист:

Қиссаи дунёпарастони ҷаҳон нашниданист,
Ҳарфе аз девонае девонае пурсиду рафт.

Аз ин рӯ шоир шахсан худаш ва бенавоёни дигарро исроркорона ба худдорӣ аз муносибат бо "арбоби давлат", ҳазар кардан аз бурдани ҳоҷат ба дари онҳо талқин намудааст. Зеро вай аз таҷрибаи худ бовари қатъӣ ҳосил карда буд, ки аз ин тоифаи бемурувват ҳоҷати кас намебарояд:

Ҳоҷати хеш мабар пеши баландиқболон,
Гиреҳи ҳеҷ касе боз аз афлок нашуд.
Дар маҷлисе, ки нест мурувват дар ӯ, марав,
Дар шишае, ки нест дар ӯ бода, санг бош.

Пайдост, ки ин панду насиҳати барҳазар ва дур будан аз дунёдорон ва умед набастан ба некию мурувввати онҳо ба мардуми мӯҳтоҷу бенаво нигаронида шудааст. Шоир азбаски худ ба гурӯҳҳои "болонишин" кинаю нафрат дорад, табақаи иҷтимоии худаш ва умуман мардуми "поённишин"–ро аз табақаи доро дур дошта, дар онҳо мехоҳад нисбат ба дунёдорон ҳисси бадбиниро бештар парвариш диҳад. Ин маънӣ хусусан аз сатрҳои зерини пандомӯзонаи шоир, ки

ҳамчунин дар мурочиат ба бечорагону дармондагон гуфта шудаанд, равшан мегардад:

Дар хонаи мунъимон ба умеди ато марав,
Монанди дона дар гулӯи осиё марав.
Гардад агар ба фарқи сарат санги осиё,
Дар ҷустуҷӯи сояи боли ҳумо марав,
Худро насоз ранҷа ба овозаи саҳо.
Дунболи корвон ба садои диро марав.
Аз гирудори қасри лаимон ҳазар намой,
Дар хонаи бахил равӣ, бе асо марав.

Чунон ки аз ин сатрҳо аён аст, Сайидо вобаста ба талқини дурҷӯӣ аз мунъимони лаим хонандаи худро дар рӯҳи бетааллуқӣ ва ҳифзи шарафи инсонӣ низ тарбия кардан хостааст. Сайидо, ки худ соҳиби чунин хислати олии инсонӣ буд, мардуми дармондаро водор намудааст, ки дар ниҳояти мушкилӣ ҳам ба умеди дастгирии мунъимони лаим пеши онҳо рафта сар хам накунанд. Шоир умуман аз паи хайру эҳсон ба касе сар хам карданро барои инсон камоли бенангӣ ва бешарафӣ ҳисоб мекунад:

Сар нагӯ он ки шавад ҳам паи эҳсони касе,
Бишкан он даст, ки бӯсад лаби домони касе.

Танқиди бемурувватии арбоби ҷоҳ дар эҷодиёти Сайидо аз мавқеи мафкураи табақаи ҳунармандон воқеъ шудааст. Дар байни

табақаи ҳунармандон дар шаҳрҳои асримиёнагии мо ақидаҳои инсонпарварӣ ривоҷ дошт. Чунончи, маслаки ҷавонмардӣ, ғояҳои накӯкорӣ ва ҷуду сахо аз қадим дар байни ҳунармандон ривоҷ дошт. Сайидо, ки аз байни мардуми меҳнатӣ сабзида баромада ва дар муҳити ҳунармандон нашъунамо ёфтааст, наметавонист аз мафкура ва ғояҳои наҷиби инсони табақаи иҷтимоии худ бархурдор набошад. Чунон ки поёнтар хоҳем дид, мафкураи ҷавонмардии ҷуду сахо ва муруввату эҳсон дар шахси Сайидо нуфуз доштааст. Дар ҷаҳонбинии шоир низ таъсир кардани ин мафкура як амри табиист. Сайидо дар эҷодиёташ мафкураи инсонпарваронаи табақаи иҷтимоии худро оид ба ҷуду сахо ба таври махсус инъикос кардааст: вай **расми ҷуду сахои шахси худаш ва табақаи иҷтимоии худашро дар байни табақаи “болонишин” мушоҳида накарда, ба танқиди бегонагии ин табақа аз оини мазкур пардохтааст**.

Сайидоро бегонагии аҳли ҷоҳ аз тариқи мардумӣ ва муруввату сахо ба ғазаб овардааст. Қиёми ӯ ба муқобили табақаи ҳоким аз мавқеи идеалҳои олии инсонпарварӣ сурат гирифта, ҷанбаи гуманистӣ дорад.

Сайидо чун намоянда ва мафкурабардори табақаи ҳунармандон гузашта аз ифодаи оини муруввату сахои табақаи мазкур шахсан низ ин оинро варзидааст. Ин ҳол агар аз як тараф сабаби пайваста ба муқобили бемурувватии табақаи ҳукмрон қиём намудани Сайидоро равшан созад, аз тарафи дигар, ақидаи аз мавқеи оини ҷуду сахои тоифаи ҳунармандон сурат гирифтани ин қиёми ӯро тақвият медиҳад.

Маълум мешавад, ки Сайидо бинобар шахсан пайрави сулуки ҷуду сахо буданаш ба тавонгарони хасису бемурувват ин қадар нафрат доштааст. Дар шахси ӯ роҳу равиши наҷиби ахлоқии мардуми

меҳнаткаш – саховатпешагию боҳимматӣ ба бемурувватию номардумии аҳли ҷоҳ муқобил гузошта шудааст.

Дар ҳақиқат, саховатпешагӣ ва некӯкории Сайидо мартабаи инсонии ӯро хеле боло мегузорад, симои ӯро дар назари хонанда чун инсонпарвари бузург ҷилвагар месозад. Дуруст аст, ки шоир барои варзидани оини ҷуду сахо камтар имконият дошт. Вай худ дар мӯҳтоҷию дармондагӣ мезист, бинобар ин ба бечорагону бенавоён дасти ёрӣ дароз карда наметавонист. Бинобар ин манзури мо аз ҷуду сахои шоир нияти неки инсондӯстонаи ӯ дар бораи варзидани ин оини наҷиб мебошад. Шоири некӯкору саховатандеш дар дил нияти наҷиби инсонпарварона дошт: мехост ба дармондагону мӯҳтоҷон ёрӣ расонад, ҳоҷати онҳоро барорад. Вай дар орзуи ин буд, ки кош домане пур аз зар дошта бошаду онро ба каси мӯҳтоҷе, ки аз дараш медарояд, нисор кунад:

Ҳар ки бар сарвақтам ояд, мекунам ӯро нисор,
Ҳамчу гул гар домане пур аз дирам бошад маро.

Шоир, ба қавли худаш, ҳамеша гӯш ба овози дар буд, то садои ниёзмандонаи мӯҳтоҷро нашунида намонад. Вай сабаби ин ҳассосӣ ва дилогоҳии худро нисбат ба ҳоҷатмандон ба таври хеле ҳаётӣ шарҳ додааст: ба фикри ӯ, қадри одами ҳоҷатмандро фақат ҳоҷатманд медонад:

Қадри ҳоҷатмандро мӯҳтоҷ медонад, ки чист,
Гӯш ҳамчун ҳалқа бар овози дар бошад маро.

Ин сатрҳо аз дили бузурги инсонии Сайидо, ҳамияту наҷобати шахсӣ ва маслаки гуманистии бечоранавозии ӯ шаҳодат медиҳад. Чунин суханони самимиро шоире гуфта метавонист, ки аз арзу ниёз ва дарди дили бечорагону бенавоён хуб огоҳ буда, бо онҳо ҳамдарду ҳамнафас бошад. Аслан шоире, ки худро як тан аз ҷумлаи мардуми ҳоҷатманд мешуморид, нисбат ба онҳо қадршинос ва ҳамнафас набуда наметавонист. Ин қадршиносии самимӣ ва ҳамдардии Сайидо бо дармондагону бечорагон пайванди узвии ӯро бо халқи оддии бенаво бори дигар собит менамояд. Азбаски шоир худро як нафар аз мардуми мӯҳтоҷу бенаво ҳис мекард, бинобар ин ба ғаму дарди онҳо шарик буд, аз таҳти дил мехост мушкили онҳоро осон кунад. Вале афсӯс, ки ба ин қудрату имкон надошт, дасташ кӯтоҳӣ мекард. Бо вуҷуди хоҳишу нияти наҷиби некӯкорию ҳоҷатбарорӣ набудани имконият барои ба амал баровардани ин ният шоирро ғамгин кардааст. Вай аз он хуни дил мехӯрд, ки "ҳиммати васеъ" ва нияти олӣ дораду аммо "дасташ танг" аст, ба иллати бенавоӣ ба мӯҳтоҷону дармондагон ёрӣ расонда наметавонад. Шоир дар ин маънӣ ба худаш ишора карда гуфтааст:

Набошад рӯзие ҷуз пораи дил ғунчаи гулро,
Хӯрад хун, ҳар киро ҳиммат васею даст танг афтад.

Сайидо аз он афсӯс мехӯрад, ки ба иллати нотавонӣ ҳоҷати касеро баровардa ва бинобар "кӯтоҳии остин"–у "норасоии даст" гиребони дарида ё ҷайби доманеро руфӯ карда натавонист:

Не гиребоне руфӯ кардам, на ҷайби домане.

Остин кӯтоҳу дастам норасо афтодааст.

Ба ақидаи Сайидо, во кардани гиреҳ аз кори дармондагон ва “кушодани бастагиҳо”–и бечорагон барои “соҳибкарам”, яъне одами тавонгар мушкилие надорад. Дар ин кор фақат ҳиммати инсонӣ ва азму нияти некӯкорӣ лозим аст: “Кушоде мешавад аз аҳли ҳиммат бастагиҳоро/Гиреҳ во кардани соҳибкарам мушкил намебошад”. Вале дар байни тавонгарон пайдо кардани чунин одами некӯкори мушкилкушову ҳоҷатбарор аз имкон берун буд. Нолаи дармондагони мустаманд дар дили сангини ин тоифа асар надошт, ба гӯши ин шикамсерони ғофил фиғони мардум, ба гуфти Сайидо, чун нолаи гуворои кабк мерасид. (“Фиғони мотамиён бузургони ғофилро/ Садои нолаи кабке ба гӯш меояд”). Хайру эҳсон аз рӯи имкон аслан мебоист сулуки тавонгарон бошад, вале азбаски ин тоифа ба иллати дунҳимматию номардумӣ аз ин роҳи инсонӣ баромада буданд, бинобар ин бар қасди онҳо як шоири бенаво ба ҳукми ҳиммати олӣ ва дилу нияти бузурги инсонии худ тариқи хайру сахоро пеш гирифта буд. Ғами мардуми мустаманди бепушту паноҳ дили ҳассоси шоири инсонпарварро ба дард меовард. Вай дарди бечорагонро эҳсос намуда, ба ғаму ғуссаи мустамандон шарик гардида, баробари онҳо дар ҷустуҷӯи инсони бомурувват ва дарёфтани дасти мададгоре, ки ба пайдо шуданаш ҳамоно бовар надошт, чунин нидои музтарибона кардааст:

Дасте ки во кунад гиреҳ зи дасти кас, куҷост?!

Нохун видоъ карда зи ангушти шона рафт.

Дастгирии Сайидо аз бечорагону бенавоён фақат ба маънии кӯмаки моддӣ нест. Вай ёрии ҳам моддӣ ва ҳам маънавии шоири инсондӯстро ба мардуми афтодаю мустаманд ифода менамояд. Хайру сахое, ки Сайидо дар ҳаққи мӯҳтоҷону дармондагон меандешид, як ҷузви маслаки инсонпарварӣ ва бечоранавозии ӯ буд. Сайидо **ёрию дастгирии ҳартарафаи мардуми бечораву нотавонро мақсаду мароми зиндагӣ ва эҷодиёти худ қарор дода буд**. Вале азбаски вай ба кӯмаки моддӣ ва амалии афтодагон камтар имконият дошт, бинобар ин ба дастгирии маънави, яъне ҳамдардӣ бо онҳо саъй менамуд. Аслан на ба мардум ёрии моддӣ ва амалӣ расондани эҷодкори сухан, балки дар асарҳои худ ба онҳо чӣ дараҷа ҳамдаму ҳамнафас шуда тавонистани ӯ аҳамият дорад.

Сайидо ба воситаи сухан ба дастгирӣ ва ҳимояи халқи бенавои ҷафодида бархоста буд. Вай аз дилу ҷон мӯнису ғамхор ва ҳамдами мардуми афтода будани худро пайваста изҳор кардааст. Шоир ҳамеша ба ғаму дарди мустамандону афтодагон шарик буда, аз ҳоли зори онҳо ғусса мехӯрд, ба қавли худаш, агар касеро аз ғаму ғусса сар ба зону афканда медид, дилаш хун мешуд:

Тамannои зи по афтодагон хам кард пуштамро,
Хӯрам чун ғунча хун, бинам сареро гар ба зонуе.

Дар ин маънӣ дар ҷои дигар низ гуфтааст:

Шоҳу баргамро ғами афтодагон афтода кард,
Аррае будам, ки сӯҳон кард ҳамворӣ маро.

Ин сатрҳо аз ҳамдардӣ ва таваҷҷӯҳи чуқури Сайидо ба мардуми афтодаи мустаманд гувоҳӣ медиҳанд. Аз онҳо эҳсоси баланди инсонпарварӣ ва ғояти мардумии шоир ошкор аст. Дар таърихи адабиёти мо шоире, ки ба ин ғоят ба халқи ҷафокаш ҳамдардӣ ва таваҷҷӯҳ зоҳир кардааст, камтар дида мешавад. Аз ин рӯ, Сайидоро чун гуманисти бузург тавсиф карда метавонем. Гуманизми ин шоир **гуманими бечоранавозию афтодапарварист**. Ин гуманизм на ба таърифу тавсиф ва бологузории мақоми инсон, балки ба парастиши маҳз инсони «хурд»–и оҷизу нотавон, ба ҳимояву дастгирии одами оддии бечораву бенаво равона гардидааст. Ин махсусияти гуманизми Сайидоро низ ифодагари мафкураи табақаи ҳунармандон будани ӯ муайян кардааст.

Дар ҳақиқат, дастгирии фақиру бечорагон баробари саховату эҳсон аз рукнҳои асосии тариқати инсонпарварии ҷавонмардон буд, ки бештар дар байни табақаи ҳунармандон шӯҳрат доштанд. Маншаи гуманизми афтоданавозии Сайидо низ бешубҳа, ҳамин сулуки ҷавонмардии инсонпарварона буд, ки дар таълимоти нақшбандия мавқеи асосӣ дошт.[1]

Гуманизми бечоранавозии Сайидоро, аз тарафи дигар мансубияти шоир ба халқи меҳнатӣ, бо ғаму дард ва андешаву омоли мардуми бечораи ситамкаш аз наздик ошно будани ӯ муайян кардааст. Сайидо бинобар бо аҳволи тоқатфарсои зиндагӣ ва ғаму ғуссаи он ба хубӣ ошно будани худ ба мардуми афтода таваҷҷӯҳ ва ҳамдардии чуқур пайдо кардааст. Вай худ як тан аз ҳамин мардуми меҳнаткаши

[1] С.Саъдиев. Тариқати хоҷагон ва оини ҷавонмардӣ//Жаҳон мулкининг нигаҳбони. Баҳовуддин Нақшбанд ҳаёт йӯли ва тариқатига оид тезис ва мақолалар. Бухоро. Маърифат. 1993, саҳ. 18.

афтодаҳол буд. Бинобар ин тасодуфӣ нест, ки вай худро яке аз мардуми соҳибдарду ғамошно ҳисоб мекард:

Қадри соҳибдард соҳибдард медонад, ки чист,
Дар тафаккур ҳар куҷо дидам саре, зону шудам.

Сайидо дар байни халқи меҳнаткаш зиндагӣ карда, ҳамеша дар бораи ҳоли табоҳи ӯ андеша менамуд, лаҳзае аз дарду алам ва хоҳишу таманнои мардуми афтода фориғ набуд. Ин нуктаро як ишораи барҷаста ва характерноки ӯ дар ғазале ба таври кофӣ собит карда метавонад: шоир айёми шодию хурсандӣ – иди наврӯз ва фараҳбахшии табиатро дар ин мавсим тасвир карда истода, ба ҳоли мардуми афтода мутаваҷҷеҳ шудааст. Вай махсусан таъкид кардааст, ки дар ин мавсим мардуми бечраҳол гирифтори «савдои либос» мебошанд, онҳо либоси идонаро орзу мекунанд. Шоир ин орзую ҳаваси бечорагони бесару либосро ба дил эҳсос намуда, таъкид кардааст, ки дар ин айёми иди баҳор на фақат инсон, балки табиат низ қабои тоза пӯшидан мехоҳад:

Фасли наврӯз аст, меояд ҳавои тозае,
Булбулу гулро шуда баргу навои тозае.
Бар сари афтодагон афтода савдои либоб,
Сарв мехоҳад дар ин мавсим қабои тозае.

Шоир аз чашмандози гуманизми бечоранавозии худ дар байни инсон ва табиат номувофиқиро дидааст: дар ҳоле ки дар иди баҳор

табиат қабои идона дар бар кардааст, мардуми бенаво имкон надоранд либоси тоза пӯшанд.

Таваҷҷӯҳ ва ҳамдардии Сайидо бо фақиру бечорагон ба ҳадди парастиши онҳо расидааст. Дар чунин мавридҳо ҳисси бечоранавозии шоири инсондӯст аз ҳудуди раҳму шафқат гузашта, меҳру садоқати бепоёни ӯро нисбат ба мардуми афтода ифода намудааст. Сайидо инсони афтодаву нотавонро парастида, ӯро ба сараш ҷой додааст. Ба ин восита гуманизми афтоданавозии ӯ ба пояи баланд – парастиши инсони бечораю бенаво расидааст:

Ҳар куҷо афтодае бинам, ба сар ҷой медиҳам,
Хори ин саҳро гули рӯи сабад бошад маро.

Ин ғояти инсонпарварӣ дар чанде дигар байтҳои шоир боз ҳам барҷастатар ифода гардидааст: шоир «дили хунин» ва «синаи пурдоғ»–и инсони афтодаро барои худ зиёратгоҳ қарор дода, онро ба макони муқаддас ва зиёратгоҳи мусулмонон – дашти Карбало муқоиса намудааст:

Ҳар куҷо бинам дили хунин, зиёрат мекунам,
Синаи пурдоғ дашти Карбало бошад маро.

Сайидо «дили хунин» ва «синаи пурдоғ»–и афтодагонро зиёратгоҳи худ эълон карда, ҳамдардию тимордории инсони ҷафокаши хуниндилро аз ҳасрат хӯрдану оби чашм рехтани зоир дар зиёратгоҳи муқаддаси динӣ авлотар шумурдааст. Барои Сайидо ғамхорию тимордории афтодагон аз ҳаҷҷу зиёрати динӣ заруртар аст, парастиши инсони ҷафокашу мустаманд аз саҷда ба муқаддасоти

мусулмонӣ воҷибтар менамояд. Зеро дину мазҳаби ҳақиқии ӯ парастиш ва саҷдаи инсони афтода аст. Ин нуқтаи муҳимро дигар як байти барҷастаи инсондӯстонаи шоир, ки дар он низ ҳамон бартар гузоштани инсонпарварӣ бар динпарастиро мебинем, бечуну чаро тасдиқ мекунад. Дар ин байт ба даст овардани дили инсон ба сохтани Каъба баробар карда ва дилҷӯии инсонпарварона асли худоҷӯӣ дониста шудааст:

Бинои Каъба бувад дил ба даст овардан,
Агар худоталабӣ мекунӣ, худо ин ҷост.

Ин тариқа дили инсонро ба дараҷаи худоӣ бардошта, дилҷӯиву дилёбиро айни худоталабӣ маънидод кардан қуллаи баланди гуманизм мебошад. Ин гуманизм моҳиятан инсонро ба худо табдил додаст, инсонпарвариро ба ҳадди худопарастӣ расондааст. Аз ин рӯ вай ба маънии аслиаш инсонпарварист, яъне парастиши инсонро талқин ва ташвиқ менамояд. Қиблаву Каъба ва худои шоири гуманист инсон ва дили ӯст. Вай ба инсони афтодаву ғамзада саҷда овардааст.

## ХУЛОСА

Ҳамин тавр, Сайидо ки аз байни мардуми меҳнатии (табақаи ҳунармандон) сабзида баромада буд, наметавонист аз мафкура ва ғояҳои наҷиби инсонпарваронаи ин табақа оид ба ҷуду сахо бархурдор набошад. Сайидо расми ҷуду сахои шахси худашро дар аҳли табақаи «болонишин» мушоҳида накарда, ба танқиди бегонагии ин тоифа аз ойини мазкур пардохтаст. Сайидо чун намоянда ва мафкурабардори табақаи ҳунармандон, инчунин аз ойини ҷавонмардии тариқати нақшбандия таъсир гирифта, шахсан низ ин ойини наҷибро варзидааст. Дар шахси ӯ сулуки наҷиби ахлоқии саховатпешагию боҳимматӣ намоён мегардад. Сулуки саховатпешагӣ ва некӯкории Сайидо симои ӯро чун инсонпарвари бузург ҷилвагар менамояд. Умуман ғами мардуми мустаманд дили ҳассоси шоири инсонпарварро ба дард овардааст. Вай дарди бечорагонро эҳсос намуда, ба ғаму ғуссаи онҳо шарик гардидааст. Шоир ба воситаи сухан ба дастгирӣ ва ҳимояи халқи бенавои ҷафокаш бархоста буд.

# Х У Л О С А И   УМУМӢ

Нимаи дуюми асри XVII, ки замони фаъолияти эҷодии шоири бузурги тоҷик Сайидои Насафӣ мебошад, давраи оғози таназзули куллии феодализм дар Осиёи Марказӣ авҷи харҷу марҷ ва низову кашмакашиҳои сиёсӣ, пастравии иқтисодӣ ва харобии хоҷагӣ, болоравии зулму ситами иҷтимоӣ ва қашшоқу бенаво гардидани оммаи халқ аст.

Ин авзои вазинин кишвар дар лирикаи Сайидо инъикоси васеи худро ёфта, таҳаввулоти ҷиддиро дар мундариҷаи он ворид сохтааст. Пешравӣ ва инкишофи адабиёти асри XVII – ро бештар мундариҷаи ғоявии он муайян кардааст. Муҳимтарин комёбиҳои адабиёти ин давр ба мундариҷаи ғоявии он оид буда, дар эҷодиёти Сайидо инъикоси васеи худро ёфтааст. Пешрафти ғоявии адабиёти ин давр ба маънии пурзӯр гардидани ҷанбаи иҷтимоии он аст. Дар эҷодиёти Сайидо оҳангҳои шикояти иҷтимоӣ, ғояҳои зидди зулму истибдоди феодалӣ, танқиду маҳкуми иллатҳои замон, ғояҳои олии инсонпарваронаи хеле равшан инъикос гардидааст.

Сайидо бо изҳори таассурот ва эҳсоси ногувори худ нисбати авзои замонро низ ба тасвир овардааст. Ӯ замонашро мувофиқи ҳақиқати таърихӣ як давраи ноороми пур аз харҷу марҷҳо, боло гирифтани фитнаву ошӯбу хунрезиҳо, авҷи хусумату низоъ ва талошҳои ҳукуматхоҳии тӯдаи ҳукмрон тасвир намудааст.

Дар ғазалиёти Сайидо умуман воқеияти замон рӯ ба инқирозу таназзул тасвир ёфтааст. Ин таназзулу инқироз ҳам табиату ашё, ҳам ҷомеаву зиндагии инсонро фаро мегирад. Чунин тарзи нигориши

воқеиятро эҳсоси манфии замон ба миён овардааст. Дар нигориши шоир беравнақии табиат бо таназзули зиндагии инсон ва иллату нуқсонҳои ҷомеа таносубу ҳамоҳангии куллӣ пайдо кардааст.

Сайидо ба ашёву ҳодисаҳои табиат чун рамзи зиндагии пурмусибати мардуми замони худ, тимсоли фоҷиаву бадбахтиҳои давраш назар кардааст. Ба чашми ӯ дар табиат ҳама чиз ғаму андӯҳи мардум, ошӯбу хунрезиҳои замонро намоиш медиҳанд. Ин ҳол далели забту истилои авзои ноҳинҷори замон дар тафаккури бадеии Сайидо мебошад.

Баробари тасвири авзои замон танқиди арбоби он ё ба таъбири шоир аҳли ҷоҳ низ аз мавзӯъҳои асосии ғазалиёти Сайидо ба шумор меравад. Ин мавзӯъ, ки алоқамандона бо мавзӯи авзои замон гузориш ёфтааст, тақрибан дар ҳамаи ғазалҳои Сайидо мушоҳида мешавад.

Вусъату густариши мавзӯи танқиди арбоби замон дар ғазалҳои бисёрмавзӯи Сайидо аз ҳамин ҳам аён аст, ки агар ба мавзӯъҳои дигар одатан як – ду байте ҷудо шуда бошад, мавзӯи танқиди аҳли ҷоҳ бисёр мавридҳо чандин байтро фаро мегиранд. Шоир ҳатто бисёр ғазалҳое дорад, ки саросар ё асосан ба ҳамин мавзӯъ бахшида шудаанд. Ин ҳол муҳимтарин таҳаввулоти мундариҷаи жанри ғазалро дар эҷодиёти Сайидо ташкил кардани танқиди аҳли ҷоҳро нишон медиҳад.

Разолат ва нокасии аҳли ҷоҳи замон дили Сайидоро боз бештар ба дард оварда, боиси норизоӣ ва эътирози сахти ӯ нисбати ин тоифа гардидааст.

Сайидо бисёре аз ғазалҳояшро ба воситаи ҳуҷум ва мубориза ба муқобили арбоби ҷоҳу сарват табдил додааст. Ин ҳол асоси иҷтимоӣ ва ҳаётии мазмуни ғоявии ғазалро ба дараҷаи мислаш дида нашуда

пурқувват гардонда, алоқаи онро бо ҳаёти ҷомеа ва масъалаҳои иҷтимоии рӯзгор таъмин намудааст.

Сайидо дар эътирозот ва муборизаи худ бар зидди аҳли ҷоҳу сарват ба манфиати меҳнатӣ баромад кардааст, нафрати беинтиҳои халқи мазлуму ҷафокашро нисбати золимон ифода намудааст. Аз ин рӯ, метавон хулоса гирифт, ки Сайидо гузашта аз образи «ман»–и лирикӣ ва аҳволи зиндагии дар ғазалҳояш тасвир намудаи худ дар мафкураву ҷаҳонбинӣ низ ба халқи оддӣ алоқаманд аст. Муносибат ва назари Сайидо ба аҳли ҷоҳу сарват, ба қавли худи шоир, гурӯҳи «болонишин»–и ҷомеа – ин муносибати «поиннишинон» ба «болонишинон» мебошад.

Дар ғазалиёти Сайидо ҳимояи манфиатҳои халқи мазлум бо роҳи танқиди фошкунандаи арбоби замон сурат гирифтааст.

Сайидо дар ғазалиёташ «ман»–и худро чун як нафар аз халқи оддии бенаво ба гурӯҳҳои «болонишинон» муқобил гузоштааст. Дар ин ғазалҳо аз як тараф образи шоири муфлис ва мардуми қашшоқу бенаво, аз тарафи дигар образи дунёдорон ва арбоби ҷоҳу сарват ба ҳам муқобил меистанд.

Дар асоси қиёми танқидии Сайидо ба муқобили аҳли ҷоҳ мазаммати бемурувватии ин гурӯҳ меистад. Шоир пайваста аз бемурувватии давлатмандон нисбати мардуми бенаво сухан рондааст.

Мазаммати бемурувватии арбоби ҷоҳу сарват ба воситаи танқиди ҳунаршиносии ин тоифа дар ғазалҳои Сайидо давом ва такмилу инкишоф ёфтааст. Сайидо ин мавзӯъро бо таъбири «ҳунарношиносии айём» низ гузориш медиҳад. Аммо дар зери ин мафҳум шоир албатта

иллати ҳунаршиносӣ ва соҳибони ҳунари суханвариро қадр накардани арбоби замонро дар назар дорад.

Бо гузориши ин мавзӯъ дар ғазалиёти Сайидо мавзӯи умумии шикоят аз замон аз масъалаи инсон ва ҷомеа ба масъалаи шоир ва ҷомеа мегузорад.

Як сабаби асосии озурдагии Сайидо аз замон беэътиборию қадрношиносии айём ва бузургони он нисбати шоир ва ҳунари ӯ будааст. Бинобар ин шоир арбоби замонашро ба кӯрдилию бехирадӣ ва суханношиносӣ сахт айбдор кардааст.

Сайидо дар бештарин мавридҳо аз номи умуми сухансароёни давр аз ҳунаршиносии бузургони аср арзи шикоят ва норизоӣ намудааст. Зеро ҳамқаламони ӯ низ дар хорию сахтӣ зиндагӣ ва эҷод мекарданд.

Мавзӯи беэътиборӣ ва қадрношиносии замонро дар ҳаққи аҳли ҳунар Сайидо ба маънии айём (фалак) душмани ҳунарманд ва дӯсти беҳунарон низ талқин намудааст. Бо ин шоир ҳамин кирдори акси арбоби замонро нисбати аҳли ҳунар дар назар дорад. Баръакси хорию афтодагии аҳли ҳунар мавриди эҳтирому истиқболи бузургони айём қарор гирифтани одамони беҳунари фурӯмоя ба рӯҳияи Сайидо таъсири ногуворе гузошта, баъзан ӯро ҳатто ба ақидаи тарки ҳунар водор намудааст.

Бинобар мансубияти худ ба мардуми оддии меҳнати (ҳунармандон) Сайидо дар симои «ман»–и лирики худ дар ғазалиёташ зиндагии бенавоёнаи ин тоифаро инъикос намудааст. Дар образи «ман»–и лирики шоир қаҳрамони лирики мансуб ба мардуми оддии қашшоқу бенаво дар жанри ғазал ворид шуда, пайваста аз аҳволи

зиндагии маишии тангдастонаи худ арзи шикоят намудааст. Бо зуҳури ин қаҳрамони лирикӣ, ки аз қаҳрамони лирики анъанавии ринд дар ғазалиёти шоирони пеш аз Сайидо фарқи куллӣ дорад, шоир инсони оддии заҳматкашро бо саъю кӯшиш беҳтар кардани зиндагиро тарғибу ташвиқ намудааст. Бо воситаи ин оҳанги реалистӣ дар лирика инсони зиндаву рӯзгори бо саъю кӯшишҳояш дар зиндагӣ ворид шудааст. Қаҳрамони лирики Сайидо инсони фаъол ва ҳаётдӯст аст. Аммо шоир агар дар як маврид ҷӯёи ризқу рӯзӣ ва инсони фаъол бошад, дар мавриди дигар аз тараддуду ташвишҳои зиндагӣ даргузашта, мутеи ризқи осмонӣ гардидааст, гоҳе орзуву ҳаваси зиндагӣ, гоҳи дигар қаноаткорию гӯшагириро тарғиб намудааст.

Танқиди аҳли ҷоҳу сарват низ аз мавзӯъҳои асосии ғазалиёти Сайидо қарор гирифтааст. Сайидо дар бисёр мавридҳо ғазалро ба воситаи эътироз ва мубориза ба муқобили табақаи ҳукмрон табдил додааст. Ин ҳол асоси иҷтимоӣ ва ҳаётии мундирҷаи ғоявии ғазалро ба дараҷаи мислаш дида нашуда пурқувват гардонда, алоқаи онро бо ҳаёти ҷомеа ва масъалаҳои иҷтимоии рӯзгор мустаҳкам гардондааст. Ғазалиёти Сайидо асосан ба ҳамаи восита имтиёз ёфта, арзишу аҳамияти бештари иҷтимоӣ касб кардааст. Яке аз мушаххасоти барҷастаи ғазалиёти ин шоир садои бурроиэътирози иҷтимоӣ пайдо кардан ва маҳз ба муқобили табақаи «боло» нигаронида шудани ин эътироз мебошад. Сайидо дар эътирозот ва муборизаҳои худ бар зидди синфи ҳокими асраш аз мавқеи мардуми оддии меҳнатӣ баромад кардааст, нафрати беинтиҳои халқи мазлумро нисбат ба золимон ифода намудааст. Вай чун ҳамдаму ҳамнафас ва мафкурабардори табақаҳои поини ҷомеаи шаҳр қиём намудааст.

«Ман»–и лирикии шоир чун таҷассуми тимсоли халқ намудор мегардад. Муносибати Сайидо ба аҳли ҷоҳу сарват – ин муносибати аҳли тоифаҳои бенаво ба табақаи боло, нуқтаи назари мардуми оддии меҳнаткаш ба гурӯҳҳои «болонишин» мебошад.

Сайидо дар ғахалиёташ ҳамеша «ман»–и лирики худро ҳамчун намояндаи халқ ба гурӯҳҳои ба қавли худаш «болонишин» муқобил гузоштааст. Дар ғазалиёти ӯ аз як тараф образи шоири муфлис аз тарафи дигар образи дунёдорону сарватмандон ба ҳам муқобил меистанд. Сайидо аз забони умуман мардуми бенаво гурӯҳҳои сарватманди шаҳрро ба бемурувվати нисбат ба мӯҳтоҷон ва бегонагӣ аз ҷуду эҳсон барин сифатҳои неки инсонӣ айбдор намудааст. Вай қариб ҳама ҷо аз бемурувватии давлатмандон нисбати бенавоён сухан рондааст. Шоир ин муносибати аҳли ҷоҳу сарватро ба мӯҳтоҷон бештар ба воситаи образҳои тазоди мунъим ва гадо, ба соилон (гадоён) хайре накардани  сарватмандон ифода намудааст.

Сайидо ки аз байни  мардуми меҳнатии (табақаи ҳунармандон) сабзида баромада буд, наметавонист аз мафкура ва ғояҳои наҷиби инсонпарваронаи ин табақа оид ба ҷуду сахо бархурдор набошад. Сайидо расми ҷуду сахои шахси худашро дар аҳли табақаи «болонишин» мушоҳида накарда, ба танқиди бегонагии ин тоифа аз ойини мазкур пардохтаст. Сайидо чун намоянда ва мафкурабардори табақаи ҳунармандон, инчунин аз ойини ҷавонмардии тариқати нақшбандия таъсир гирифта, шахсан низ ин ойини наҷибро варзидааст. Дар шахси ӯ сулуки наҷиби ахлоқии саховатпешагию боҳимматӣ намоён мегардад.  Сулуки саховатпешагӣ ва некӯкории Сайидо симои ӯро чун инсонпарвари бузург ҷилвагар менамояд.

Умуман ғами мардуми мустаманд дили ҳассоси шоири инсонпарварро ба дард овардааст. Вай дарди бечорагонро эҳсос намуда, ба ғаму ғуссаи онҳо шарик гардидааст. Шоир ба воситаи сухан ба дастгирӣ ва ҳимояи халқи бенавои ҷафокаш бархоста буд.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТҲО:


1. Каримов Ислом Абдуғаниевич. Маънавияти воло нерӯи мағлубнопазир. –Тошканд: Маънавият, 2008.
2. Каримов И.А. «Адабиёти эътибор – маънавиятга, келажакка эътибор». –Тошканд: Ӯзбекистон, 2009.
3. Абдуллоев А. Адабиёти форс-тоҷик дар нимаи якӯми асри XI .- Душанбе: Дониш, 1973
4. Бертельс Е. Э. История персидско – таджикской литератури. – М: НВЛ, 1960
5. Восеев Қ. Номаи ҷавонмардӣ. –Душанбе: Ирфон, 1986.
6. Восеев Қ. Ойини ҷавонмардӣ ё маслаки Ҳофиз. –Душанбе: Ирфон, 1991.
7. Гулшани адаб. Намунаҳои осори манзум ва мансури адабиёти форс-тоҷик. Ж. 1.
8. Ғафуров Б. Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна, Нашриёти “Ирфон”, Душанбе 2012, 680 саҳифа.
9. История таджикского народа. –т.2. кн. II. Поздний феодализм. XVII. –1997. –М, Наука, 1964.
10. Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт.- Душанбе: Маориф, 1990
11. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Кит. I (1).- Душанде: Маориф, 1987
12. Маъруфи Раҷабӣ. Тадқиқи таърих – тадқиқи характер, Нашриёти «Адиб», Душанбе, 1990, 214 саьифа.
13. Мирзоев А. Тазкираи Малеҳо ва баъзе масъалаҳои таърих. Шарқи сурх. –1946. №1

14. Мирзоев А. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик. Сталинобод. Нашрдавтоҷик, 1947.
15. Мирзозода Х. Сайидои Насафӣ. Намунаҳои адабиёти тоҷик. –Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1940.
16. Мирзоев А. Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал дар асрҳои X–XV. Мирзоев А. Сездаҳ мақола. –Душанбе, Ирфон, 1977.
17. Сайидои Насафӣ. Асарҳои мунтахаб. Тартибдиҳанда Н. Шанбезода. Душанбе: Ирфон, 1977.
18. Сайидои Насафӣ. Куллиёти осор. Душанбе: Дониш, 1996.
19. Саъдиев С. Адабиёти тоҷик дар асри XVII. –Душанбе: Дониш, 1985.
20. Саъдиев С. Адабиёти асри XVII. Р. Ҳодизода, У. Каримов. С. Саъдиев. Адабиёти тоҷик. Асрҳои XVI – XIX ва ибтидои асри XX. Душанбе: Маориф, 1988.
21. Саъдиев С. Равияҳои асосии мундариҷаи ғоявии адабиёти тоҷик дар асри XVII. Самарқанд: Нашриёти УДС, 2002.
22. Саъдиев С. Малеҳои Самарқандӣ ва тазкираи ӯ. –Самарқанд: Нашри УДС, 1999.
23. Саъдиев С. Самарқанд адабий муҳити тарих кӯзгусида. Тошкент: Фан, 2009.
24. Саъдиев С. Маркази адабии Самарқанд дар ойинаи таърих. –Тошкент: Нашри «Ӯзбекистон миллий энциклопедияси», 2002.
25. Саъдиев С. Нақшбандия ва таъсири он ба адабиёти асрҳои XV – XVII. Самарқанд: Нашри УДС, 2000.

26. Ҳусейнзода Ш. Дар бораи баъзе лаҳзаҳои асосии таърихи адабиёти тоҷик. Ҳусейнзода Ш. Баҳс ва андеша. –Душанбе: Ирфон, 1964.
27. Шомуҳаммедов Ш.М. Форс – тожик адабиёти классиклари ижодида гуманизм. –Тошкент: Фан, 1971.
28. Энсиклопедияи Советии тоҷик . Ҷ. 7,- Душанбе, 1987
29. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. ҷ.-2, Душанбе соли 1987, саҳ.132- 133.
30. www. Ziyonet.uz. Олий ва ўрта махсус таълим вазирлиги ахборот таълим портали.
31. www.safarabdulloh. kz/imXg/articles/N… РДГ Устоди бузургвор, донишманди беназир.
32. www. jahongir-savriddinov. narod.ru/fan.html. Лоиќ Шералї Дар бораи забони тољикї.
33. www. Samarqand. malakut.org/…post 50. shtml. Забони тољикї ва имлои ба њамрехтаашон. 10 ноябр, 2003.